ДОНИШГОҲИ АГРАРИИ ТОҶИКИСТОН
БА НОМИ ШИРИНШОҲ ШОҲТЕМУР

ВБД 338. 43 (575.3)

Бо ҳуқуқи дастнавис

АБДУАЛИМОВ ФАЗЛИДДИН ҶАМОЛИДДИНОВИЧ

САМТҲОИ АСОСИИ ФАЪОЛГАРДОНИИ САРМОЯГУЗОРИИ СОҲАИ КИШОВАРЗИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

АВТОРЕФЕРАТИ

диссертатсия барои дарёфти дараҷаи
илмии номзади илмҳои иқтисодӣ
аз рӯйи ихтисоси 08.00.04.02 –
Иқтисодиёти комплекси агросаноатӣ

Роҳбари илмӣ: Ашуров И.С.
доктори илмҳои

Душанбе -2025

Диссертатсия дар кафедраи иқтисодиёти КАС-и Донишгоҳи аграри Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ.Шоҳтемур иҷро шудааст.

Роҳбари илмӣ: **Ашуров Ихтиёр Саидович,** - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи Молия ва қарзи Донишгоҳи Славянии Россия ва Тоҷикистон

Муқарризони расмӣ: Сафозода Абдулмаҷид Карим – доктори илмҳои иқтисодӣ, ректори Донишкадаи байналмилалии Данғараи Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон

Қудратова Фарзона Рустамовна – номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи молияи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон

Муассисаи тақриздиҳанда: Комилзода Низомуддин Бегаҳмад - номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи молия ва қарзи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ

Ҳимояи кори диссертатсионӣ рӯзи «06» марти соли 2026, соати 13 ^{00} дар ҷаласаи Шурои диссертатсионии 6D.KOA–016-и назди Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур (734003,ш.Душанбе хиёбони Рӯдакӣ, 146, E-mail: Olimov-1976@mail.ru,телефони котиби илмӣ: (+992(101-17-90-90) баргузор мегардад.

Бо диссертатсия дар китобхонаи илмӣ ва сомонаи расмии Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур (www.tajagroun.tj) шинос шудан мумкин аст.

Автореферат «___» _____ соли 2026 ирсол карда шуд.

Котиби илмии Шурои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент **Олимов А.Х.**

Муқаддима

Мубрамии мавзуи таҳқиқот. Дар шароити нарасидани маблағҳои худии хоҷагиҳои кишоварзӣ барои такрористеҳсолкунии васеъ зарурати ҷалби сармоягузориҳои берунӣ ба миён меояд. Ҷалби сармояи беруна танҳо дар ҳамон сурат муяссар мегардад, ки фазои сармоягузорӣ барои сармоягузор фаъолияти бехавфро таъмин намояд. Новобаста ба он ки дар кишвар барои рушди сармоягузориҳо асосҳои меъёрию ҳуқуқӣ вуҷуд дорад, ҳуқуқи сармоягузорон ҳимоя карда мешавад, монеаҳои маъмурӣ бартараф карда шудаанд ва хавфҳои сармоягузорӣ то дараҷае коҳиш ёфтаанд,бо вуҷуди ин мароқи сармоягузорон, давлат, бонкҳо ба соҳаи кишоварзӣ паст аст.

Бозdеҳии нокифояи сармоягузориҳо, сатҳи пасти ҳосилнокии меҳнат ба он оварда расонид, ки ҳатто худи соҳибкорони соҳаи кишоварзӣ барои рушди хоҷагии деҳқонии худ бо эҳтиёт сармоягузорӣ менамоянд. Кор то ҷое расидааст, ки омилҳои асосии баланд бардоштани ҳосилнокии меҳнат, аз ҷумла истифодаи теникаи кишоварзӣ, нуриҳои минералӣ ва органикӣ, заҳрхимикатҳо, иҷрои технологияи зарурии нигоҳубини зироатҳо, тухмии босифат, зоти пурмаҳсули чорво ва диг. ба қадри кофӣ истифода намешаванд. Ба сабаби хурд шудани ҳаҷми хоҷагиҳо харидани техника ва таҷҳизот самаранок набуда, ҷойи корҳои бо техника иҷрошавандаро меҳнати дастӣ гирифтааст. Соҳаи кишоварзӣ ҷойи асосии бо шуғл таъмин кардани захираҳои меҳнатӣ мебошад, зеро он зиёда аз 63% қуввaҳои кориро банд менамояд. Ҳосилнокии меҳнат дар соли 2024 -ум ба 16,2 сомонӣ ба як одам/соат рост меояд, ки нисбат ба соҳаи саноат 11,2 маротиба кам аст.

Мушкилоти асосии сармоягузории соҳаи кишоварзӣ маҳдуд будани сарчашмаҳои сармоягузории дохилӣ ва дастрас набудани бозорҳои ҷаҳонии сармоягузорӣ, рушди нокифояи инфрасохтори истеҳсолию қарзӣ, сатҳи пасти худмаблағгузорӣ, рушди нокифояи инфрасохтори бонкӣ, гарон будани сармоягузориҳои қарзӣ, ноустувории бозори асъор, дастгирии нокифояи давлатӣ, сатҳи пасти лоиҳаҳои сармоягузории хориҷӣ ва ғ., аз омилҳои боздорандаи рушди соҳа гардидаанд. Дар СМР - 2030 омадааст, ки «вусъатдиҳии нокифояи инфрасохтори сармоягузорӣ (инфрасохтори бонкӣ, иттилоотию таҳлилӣ, машваратӣ ва ғ.) ва камбудиҳо дар механизмҳои таъмини ҳуқуқҳои молумулкӣ, инкишофи заифи муносибатҳои шартномавӣ ” яке аз мушкилотҳои соҳа дониста шудааст» [21]. Зарурати омӯхтани асосҳои назариявии фазои сармоягузории соҳаи кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла моҳияти иқтисодии сармоягузорӣ ва тавсифи унсурҳои асосии он, хусусиятҳо ва ҷолибияти сармоягузорӣ дар иқтисодиёти кишоварзӣ, таҳқиқи таҷрибаи хориҷии

сармоягузорӣ дар соҳаи кишоварзӣ ва истифодаи он дар Тоҷикистон, баҳои ҳолати муосири сармоягузорӣ, муайян намудани самаранокии иқтисодии сармоягузорӣ ба соҳаи кишоварзӣ, пешниҳоди самтҳои асосии рушди сармоягузории соҳаи кишоварзӣ, тавассути беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ, такмили ташкили истеҳсолот, ҳамчун омили баланд бардоштани фоида ва ташкили ипотека ҳамчун омили ҷалби захираҳои сармоягузорӣ ба соҳаи кишоварзӣ мубрамияти мавзуи диссертатсияро таъйид менамояд.

Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ. Масъалаҳои ҷалби сармоягузориҳо ба рушди иқтисодиёт дар асарҳои олимони классик, аз ҷумла К. Маркс., Ф. Энгелс., М.И.Туган-Барановский., Д. Кейне., Р. Кэмпбелл., Макконнелл Л., Стенли Л. Брю., Е.И. Комиссарова., Й.Шумпетер., П. Самуэлсон., Симод де Сисмонди., А.Смит., Д. Рикардо. мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд.

Ба таҳқиқи фазои сармоягузорӣ олимони ватанӣ И.С. Ашуров., З.Р. Шарифов., Р.Р. Қудратов., Р.Насиров., Ҷ.С. Пиризода., И.Ҳ. Самандаров., Қ.Қ. Давлатов., Х.Р. Исайнов., А.А.Мадаминов., С.Д. Комилов., А.Б. Мирсаидов., Р.К. Раҳимов., З.С. Султонов., Ҷ.Х. Тағоев. ва диг. олимон-иқтисодчиёни ватанӣ таҳқиқотҳо машғул шуданд.

Солҳои охир муҳаққиқони ҷавон С. Д. Исвалиев., Ф.М. Гафаров., Д.А. Розиев., М. Саидова., А.А.Солиев., Ф.А. Ҷабборов., Ф.П. Арабов., Р.Ш. Толибов., Ф.Р. Қудратова. ва диг. рисолаҳои илмӣ дифоъ намудаанд, вале аз ҷониби онҳо оид ба ҷабҳаҳои назариявию методологӣ ва самтҳои такмили он диққати кофӣ дода нашудааст.

Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо ва ё мавзуъҳои илмӣ. Таҳқиқоти диссертатсионӣ бо «Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030», «Консепсияи рушди соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи то соли 2015», таҳти № 469 аз 3.12.2003, қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи дурнамоҳо, консепсияҳо, стратегияҳо ва барномаҳои давлатии рушди иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Дар бораи ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ», таҳти № 1194 аз 18.03.2015, «Дар бораи ҳоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ), таҳти № 1289 аз 15.03.2016, ҳадафҳои дарозмуҳлат ва афзалиятҳои рушди кишвар, ки аз ҷониби Президенти мамлакат дар Паёмҳои худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2014-2024 ироа шудаанд, «Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи солҳои 2016-2020 (БМР 2016-2020)» ва мавзуъҳои илмии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Бонки миллии Тоҷикистон робитаи бевосита дорад.

ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

Мақсади таҳқиқот омӯзиши ҷанбаҳои назариявӣ, методӣ ва амалии моҳият, мафҳум ва фазои сармоягузории соҳаи кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон, таҳияи пешниҳодҳо ва тавсияҳо оид ба такмили механизми фаъолгардонии сармоягузории соҳаи кишоварзӣ мебошад.

Вазифаҳои таҳқиқот аз инҳо иборат мебошанд:

- таҳқиқи асосҳои назариявию методологии сармоягузорӣ дар соҳаи кишоварзӣ;
- муайян намудани хусусиятҳо ва ҷолибияти сармоягузорӣ дар иқтисодиёти кишоварзӣ;
- таҳқиқи таҷрибаи хориҷии сармоягузорӣ дар соҳаи кишоварзӣ;
- баҳои ҳолати муосири сармоягузорӣ ба соҳаи кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- муайян намудани самараноки иқтисодии сармоягузорӣ ба соҳаи кишоварзӣ;
- пешниҳоди самтҳои асосии рушди сармоягузории соҳаи кишоварзӣ тавассути:

✓ беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ҳамчун механизми асосии ҷалби сармоягузориҳо;
✓ такмили ташкили истеҳсолот ҳамчун омили баланд бардоштани фоида ва фонди истеҳлоки хоҷагиҳои кишоварзӣ;
✓ ипотека ҳамчун омили таъмини талаботи соҳаи кишоварзӣ ба сармоягузорӣ.

Объекти таҳқиқот раванди ташаккул ва рушди сармоягузории соҳаи кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Мавзуи (предмет) таҳқиқот маҷмуи муносибатҳои иқтисодӣ ва равандҳои рушди сармоягузории соҳаи кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад.

Фарзияи таҳқиқот. Ба сифати фарзияи ибтидоии илмии таҳқиқот муқаррароте пешниҳод карда шуд, ки дар ҳолати ба таври илмӣ асоснок намудани асосҳои назариявӣ, методологӣ ва амалии сармоягузории соҳаи кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва таҳким додани он бо роҳи **беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ, такмили ташкили истеҳсолот, қарзи ипотекӣ** ба таҳкиму такмили сармоягузории соҳа ноил гардидан мумкин аст.

Асосҳои назариявии таҳқиқот. Асоси назариявии таҳқиқотро асарҳои олимон - иқтисодчиёни машҳури ватанию хориҷӣ ташкил медиҳад. Инчунин дар диссертатсия ҳисоботҳои Вазорати рушди иқтисод ва савдо, Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Бонки миллии Тоҷикистон, Институти иқтисодиёт ва таҳқиқи системавии рушди кишоварзии Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон, Кумитаи давлатии

сармоягузорӣ ва идораи амволи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар муассисаҳои илмӣ истифода шудаанд. Диссертатсия вобаста аз муносибатҳои методологӣ, ба таҷрибаи таърихии рушд ва ислоҳоти иқтисодиёт такя намуда, роҳҳои такмил додани сармоягузориро дар соҳаи кишоварзии Тоҷикистон муайян месозад.

Сарчашмаи таҳқиқот. Ба сифати иттилооти ибтидоӣ қонунҳо ва қарорҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, стратегияҳо, консепсияҳо, барномаҳо, Паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, маълумотҳои Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳуҷҷатҳои мақомоти давлатии ҷумҳуриявӣ ва минтақавӣ доир ба ин масъала истифода бурда шудаанд. Нашрияҳои рӯзномаю маҷаллаҳо оид ба масъалаҳои сармоягузории соҳаи кишоварзии кишвар низ пояи таҳқиқотро таъмин намуданд.

Пойгоҳи таҳқиқотро маҷмуаҳои омории Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, сарраёсати Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилоятҳо, Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳисоботи солонаи хоҷагиҳои кишоварзӣ, санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва ҳуҷҷатҳои методӣ : меъёрҳо ва стандартҳо, ҳисоботи ташкилотҳои лоиҳакашӣ, рисолаҳои докторӣ ва номзадӣ оид ба масъалаҳои омӯхташаванда ва ба ин монанд, маърузаҳои кори амалии муаллиф ва ғ. ташкил медиҳанд.

Навгониҳои илмии таҳқиқот муайян намудани асосҳои назарияви мафҳуми сармоягузориҳои кишоварзӣ, таҳқиқи он дар мамлакатҳои хориҷӣ, баҳои ҳолати муосири он дар Тоҷикистон ва пешниҳоди самтҳои асосии такмили он ба ҳисоб меравад, ки аз бандҳои зерин иборат аст:

- ✓ нуқтаи назари муаллифӣ доир ба моҳияти иқтисодии мафҳуми «сармоя»,«сармоягузорӣ» ва «сармоягузории соҳаи кишоварзӣ» таҳия ва ба мазмуни зерин пешниҳод карда шудааст:
- ✓ «сармоя – ин маҷмӯи дороиҳои моддӣ ва зеҳни аст, ки ҳангоми муносибатҳои иқтисодӣ истифода шуда, такрористеҳсолкунии ҷамъиятиро таъмин намуда, дар баробари тавлиди арзиши изофа, арзиши худро низ меафзояд»;
- ✓ «сармоягузорӣ – ин фаъолияти мақсадноки сармоягузор ба соҳаҳои хоҷагии халқ дар як давраи муайян бо мақсади гирифтани фоида ва самараи иҷтимоӣ мебошад»;
- ✓ «сармоягузории кишоварзӣ ин сармоягузории ба хавфҳо мувоҷҷеҳи аҳаммияти стратегидошта аст, ки дорои ҷолибияти паст ва ба дастгирии давлат ниёздошта» мебошад;

-методологияи нави муайян намудани фазои сармоягузорӣ пешниҳод гардида, тибқи он муайян карда шудааст, ки ба ҷолибияти сармоягузории соҳаи кишоварзӣ даҳ омили асосӣ таъсир расонида, фазои сармоягузории соҳаи кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2023 ба 36,8 хол аз 100 холи эҳтимолӣ баробар буда, он дар соли 2025 то 36,9 хол боло рафта, дар соли 2030 то 35,8 хол коҳиш меёбад. Сабабҳои асосии коҳишёбии фазои сармоягузории соҳаи кишоварзии Тоҷикистон сатҳи баланди андозбандии соҳаи кишоварзӣ, сатҳи пасти таъминот бо захираҳо ва афзоиши доимии нархи захираҳои дар истеҳсолоти соҳа истифодашаванда, афзоиши доимии уҳдадориҳои қарзии хоҷагиҳои кишоварзӣ ва ҳосилнокии пасти истеҳсолоти маҳсулотҳои кишоварзӣ ва ғ. мебошад;

-пешниҳод карда шудааст, ки барои соҳаи кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон истифодаи таҷрибаи ИМА - доир ба тадриҷан коҳиш ёфтани шумораи хоҷагиҳои фермерӣ ва зиёд шудани қитъаи замини онҳо, Иттиҳоди Аврупо - дар бахши ҷалби ҷавонон ба соҳаи кишоварзӣ бо пардохти фоизи қарзҳои бонкӣ, кумакпулӣ барои истеҳсолкунандагоне, ки дар минтақаҳои нобоби кишоварзӣ истеҳсолотро ба роҳ мемонанд, Австралия - доир ба ҷуброни зарар аз ҳисоби фонди суғурта, Исроил - доир ба ҷуброни қарзҳои хоҷагиҳо барои пардохти ҳаққи хизматрасонии об, Канада -доир ба пардохти фоизи қарзи бонкҳо, дастгирии рушди илми кишоварзӣ, Русия - доир ба истифодаи сиёсати истеҳлок, чун сарчашмаи сармоягузории истеҳсолот дар шароити таҳримҳо;

-модели кластери сабзавот пешниҳод гардидааст, ки ташкили он имконияти сарчашмаҳои худии соҳаро (фоида ва фонди истеҳлок) баланд бардошта, метавонад сармоягузории соҳаи сабзавоткориро таъмин намуда, бо ин роҳ Тоҷикистонро ба мамлакати истеҳсолкунанда ва содиркунандаи сабзавот дар ҷаҳон муаррифӣ намояд;

-модели «Кооперативи сармоягузории деҳот» пешниҳод гардидааст, ки бо роҳи мутамарказ намудани маблағҳои муваққатан озоди хоҷагиҳои кишоварзӣ, буҷети давлатӣ ва маҳаллӣ, хоҷагиҳои аҳолӣ, бонкҳо, грантҳои ташкилотҳои молиявии байналхалқӣ ва дигар сарчашмаҳо иқтидори сармоягузории соҳаро афзуда, метавонад хоҷагиҳои кишоварзиро бо сармоя таъмин намояд;

-муайян карда шудааст, ки соҳаи кишоварзӣ ба қарзҳои имтиёзноки давлатӣ ниёз дорад ва яке аз роҳҳои асосии ҳалли он истифодаи механизми қарзҳои ипотекӣ ба ҳисоб меравад. Дар ин асос таъсиси бонки давлатии замин ва бозори замин пешниҳод шуда, дурнамои сарчашмаҳои сармоягузории фаъолияти бонки давлатии замин то соли 2030 ҳисоб карда шуда, самаранокии иқтисодии истифодаи қарзи ипотекӣ дар мисоли

бунёди сардхона барои 1000 тонна ангур дар хоҷагиҳои шаҳри Ҳисор исбот карда шудааст.

Нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда:

- пешниҳод намудани моҳияти иқтисодии мафҳуми «сармоя», «сармоягузорӣ», «сармоягузории соҳаи кишоварзӣ» ва механизми нави баҳои ҷолибияти сармоягузории соҳаи кишоварзӣ;
- асоснок намудани истифодаи таҷрибаи хориҷӣ барои такмил додани сармоягузории соҳаи кишоварзӣ ва имконияти истифодаи он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- асоснок ва пешниҳод намудани модели кластери сабзавот ва «Кооперативи сармоягузории деҳот», самтҳои ташкили онҳо бо мақсади баланд бардоштани самараи сармоягузориҳои кишоварзӣ;
- асоснок ва пешниҳод намудани зарурати ташкили бонки давлатии замин ва имконияти истифодаи қарзи ипотекӣ дар рушди кишоварзӣ.

Аҳаммияти назариявӣ- методологии таҳқиқот. Таҳқиқот аз он иборат аст, ки хулосаҳо ва пешниҳодоти дар диссертатсия дарҷгардида ба мукаммал гардидани заминаҳои назариявию методии сармоягузории соҳаи кишоварзӣ мусоидат карда, як қатор пешниҳодҳои дар кор овардашуда метавонанд ҳангоми такмилдиҳии базаи қонунгузорӣ дар соҳаи таҳқиқшаванда ва инчунин дар фаъолияти сохторҳои ҳокимияти маҳалии идоракунии давлатӣ оид ба масъалаҳои ҳалли рушди сармоягузорӣ имконият фароҳам оваранд.

Аҳаммияти амалии таҳқиқот. Маводи таҳқиқоти диссертатсиониро метавон дар ҷараёни таҳияи консепсия, стратегия ва барномаҳо ва лоиҳаҳои сармоягузории соҳаи кишоварзӣ истифода бурд. Муқаррароти назариявие, ки дар диссертатсия ташаккул ёфтаанд, метавонанд ба таври назаррас маводҳои мавҷударо оид ба фанҳои «сармоягузорӣ», «асосҳои фаъолияти соҳибкорӣ пурра созанд.

Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот. Эътимоднокӣ ва саҳеҳии муқаррароти илмӣ, хулосаҳо ва тавсияҳои амалии таҳқиқот тавассути таҳлили пурраи асарҳои муаллифони гуногун дар мавзуи таҳқиқшуда, Стратегияи миллии рушд барои давраи то солҳои 2030, маводҳои маҷаллаҳои махсуси соҳавӣ, инчунин маълумоти соҳибкорони алоҳидаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, натиҷаҳои назарсанҷии муаллиф ва истифодаи дурусти усулҳои системавии ҳалли мушкилот таъмин карда шудааст. Хулоса ва тавсияҳо, ки дар асоси таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқот назариявӣ ва таҷрибавӣ пешниҳод карда шудаанд, ба мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот мувофиқ мебошанд.

Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ. Соҳаи таҳқиқот ба қисматҳои зерини шиносномаи ихтисосҳои КОА-и назди

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 08.00.04.02 - Иқтисодиёти комплекси агросаноатӣ: 1). Назарияи муносибатҳои аграрӣ, аз он ҷумла замин, об рушди шакл ва муносибатҳои моликият дар хоҷагии қишлоқ ва дигар соҳаҳои КАС; 3. Танзими давлатии хоҷагии қишлоқ ва дигар соҳаҳои КАС; 4. Хусусиятҳои хоси равандҳои такрористеҳсолкунӣ дар хоҷагии қишлоқ, аз он ҷумла такрористеҳсолкунии фондҳои асосӣ, захираҳои меҳнатӣ ва заминӣ, фаъолияти инвеститсионӣ, маблағгузорӣ ва қарздиҳӣ; 5. Хусусиятҳои хоси ташаккулёбии пойгоҳи моддӣ-техникии комплекси агросаноатӣ (КАС) ва соҳаҳои он; 7. Бозори заминҳои кишоварзӣ, муносибатҳои заминӣ дар сектори аграрии иқтисодиёт ва маҳалҳои деҳот; 10. Асосноккунии пешгӯйиҳо ва дурнамои рушди комплекси агросаноатӣ ва хоҷагии қишлоқ; 29. Фаъолияти сармоягузории корхонаҳои (хоҷагиҳои) КАС; 49. Ҳавасмандии фаъолияти сармоягузорӣ дар кластерҳои соҳаи чорводорӣ; 50. Ҳавасмандии фаъолияти сармоягузорӣ дар кластерҳои соҳаи рустанипарварӣ мувофиқат мекунад.

Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот. Саҳми шахсии муаллиф аз муайян намудани мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, асосноккунии моҳияти назариявии мафҳуми сармоягузорӣ, исбот намудани зарурати истифодаи таҷрибаи ҷаҳонии сармоягузории соҳаи кишоварзӣ дар Тоҷикистон, пешниҳод намудани самтҳои асосии такмили сармоягузории соҳаи кишоварзӣ, таҳияи модели кооперативҳои қарзӣ, кластери истеҳсолӣ, қарзҳои ипотекӣ иборат мебошад.

Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия. Натиҷаҳо ва пешниҳодҳои асосии диссертатсия дар конференсияҳои илмӣ - амалии байналмилалӣ дар мавзуи «Нақши татбиқи имкониятҳои инноватсионӣ дар ҳалли мушкилотҳои соҳаи кишоварзӣ, маориф ва илм» (2024), «Муаммоҳои рушди ҳамгироии саноатии кишварҳои Осиёи Марказӣ» (2022), ҷумҳуриявӣ дар мавзуи «Самтҳои инноватсионии рушди иқтисодиёти кишоварзӣ ва рақамикунонии он» (2024), “Роҳҳои асосии баландбардории самаранокии иқтисодии сармоягузориҳо” (2021), «Тараққиёт ва татбиқи илми муосири технологӣ барои рушди соҳаи боғу токпарварӣ» (2021), «Саноатикунонӣ ва истеҳсолоти кишоварзӣ, Ҳолат ва дурнамои рушд» (2020), «Технологияи парвариш ва ҳимояи зироатҳои кишоварзӣ аз касалиҳо вобаста ба тағйирёбии иқлим» (2020) баррасӣ шудаанд.

Муқаррароти хусусияти методологӣ ва амалии кори дар ҷараёни таҳқиқот таҳияшуда дар раванди эҷоди навовариҳое истифода шуданд, ки сармоягузории соҳаи кишоварзиро таҳким медиҳанд.

Муҳимтарини онҳо инҳоянд;

- Тавсияҳо барои таҳкими сармоягузории соҳаи кишоварзӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити муосир аз ҷониби.Раёсати кишоварзии Ш.Ҳисор №103 аз 12 феврали 2025). Раёсати кишоварзии ноҳияи Файзобод №42 аз 17 январи 2025) тасдиқ карда шудааст. Навгониҳои илмӣ ҳамчун дастури методӣ дар Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш.Шоҳтемур № 24/19 аз 24 феврали 2025) истифода мешаванд.

Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия. Аз рӯйи мавзуи диссертатсия 9 мақолаи илмӣ, аз он ҷумла 6 мақола дар нашрияҳои илмие, ки аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсия шудаанд, ба чоп расонда шуд.

Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия. Диссертатсия аз сарсухан, се боб, хулосаю пешниҳодҳо ва адабиёти истифодашуда, дар 170 саҳифаи чопи компютерӣ баён карда шуда аз 54 ҷадвал, 6 расм иборат мебошад.

ҚИСМҲОИ АСОСИИ ТАҲҚИҚОТ

Дар муқаддима аҳаммияти мавзуи тадқиқот ошкор карда шуда, ҳадаф, вазифаҳо, объект, предмет, навоварии илмӣ ва аҳаммияти амалии натиҷаҳои бадастомада муайян карда шудааст.

Дар боби 1 **«Асосҳои назариявию услубии сармоягузориҳои соҳаи кишоварзӣ»** Моҳияти иқтисодии сармоягузорӣ ва тавсифи унсурҳои асосии он, хусусиятҳои сармоягузории соҳаи кишоварзӣ ва таҷрибаи хориҷӣ ҳамчун фаъолгардонии сармоягузорӣ дар соҳаи кишоварзӣ мавриди таҳқиқот қарор гирифтаанд. Қисми назариявии диссертатсияро таҳқиқи моҳияти иқтисодии ибораҳои «сармоя», «сармоягузорӣ», «сармоягузории кишоварзӣ» дар бар гирифта, дар пояи таҳқиқи адабиёти илмӣ-назариявӣ ва ҳуҷҷатҳои меъёрию ҳуқуқӣ, назари муаллифии ибораҳои мазкур пешниҳод гардидааст. Дар диссертатсия қайд шудааст, ки дар маъхазҳои илмӣ-назариявӣ оиди моҳияти иқтисодии сармоягузорӣ ва сармоягузории кишоварзӣ фикҳои мухталиф зиёданд. Хусусан нуқтаи назари мактабҳо ҷолиби диққат аст.

Меркантилистҳо, ташаккули захираҳои сармоягузориро асоснок карданд. Физиократҳо, кӯшиш мекарданд, ки маблағҳои гузошташударо ба асосӣ ва муомилотӣ тақсим карда, самти афзалиятноки маблаггузориро дар он замон — хоҷагии қишлоқ ҳамчун манбаи ягонаи ташаккули ҳаҷми мусбати фоида муайян карданд. Классикони илми иқтисодӣ А.Смит ва Д.Рикардо мафҳуми сармояро дар таҳқиқотҳои илмии худ ба таври зерин шарҳ додаанд: ба ақидаи А.Смит дар зери сармоя «меҳнати андӯхташудаи коргарон дарҷ мегардад, ки он бо мақсади ба даст овардани неъматҳои муайяни молӣ ва ғайримолӣ» [26]. дар назар аст. Тибқи ақидаи Д.Рикардо – «сармоя ин маҷмӯи воситаҳои истеҳсолот ба шумор мераванд» [26]. Онҳо

мафҳуми пул ва сармояро ҷудо карда, нақши ҷамъкунии сармоя ва қарзро дар раванди сармоягузорӣ асоснок карданд. Назарияи сармоягузорӣ таҳия карда шуд, ки аввалин модели таърихии ҳамаҷонибаи рушди модели сармоягузорӣ, аз ҷумла механизмҳо ва параметрҳои равандҳои сармоягузорӣ дар сатҳи макро ва микро муайян намуданд. Марксистон сармояро ҳамчун муносибати истеҳсолӣ, ки сармоядор тавассути он меҳнати кирояро истисмор намуда, натиҷаи меҳнати онро аз худ менамояд маънидод намуда, онро дар намуди формула чунин тасвир намудааст. (Д-Т-Д[1]) (пул-мол-пул[1]) формулаи сармоя, ки дар ҷараёни муомилот ба вуҷуд меояд. Дар ин ҷо К.Маркс тавлиди сармояро, ки дар ҷараёни муомилот ба вуҷуд меояд тасвир намуда, тавлиди арзиши изофаро фаҳмонидааст.

Таҳқиқи мактаби классикони англис, марксистон, асарҳои назариявии олимони соҳаи иқтисоди хориҷӣ ва муосир собит намуд, ки нуқтаи назари ягона доир ба мафҳуми ибораҳои «сармоя», «сармоягузорӣ» ва «сармоягузории кишоварзӣ» мавҷуд нест.

Доир ба ибораи «сармоягузорӣ» низ фаҳмишҳои зиёди ҳамдигарро пурракунанда зиёд аст. Дар ҳамаи луғатҳои иқтисодӣ ибораи «сармоягузорӣ, чун «мепӯшонам», «ворезӣ менамоям», «мегузорам», дар адабиётҳои илмӣ «татбиққунандаи захираҳои молиявӣ дар шакли маблағгузориҳои дарозмуддат», «маблағгузории дорои хусусияти дарозмуддат», «хароҷоти зинда ва дар ашё таҷассумёфтаи меҳнат», «хароҷот барои такрористеҳсолии фондҳои асосӣ, баландшавӣ ва такмилдиҳии онҳо», «афзоиши ҷории арзишҳои сармоявии молу мулк», «гузоштани сарватҳои моддию ғайримоддии шахсони ҳуқуқӣ ва воқеии як давлат ба субъекти иқтисодӣ», «гузоштани сармоя ба фаъолияти субъекти хоҷагидор», «хариди саҳмия ва вомбаргҳо, ки бояд самараи молиявӣ ба бор оварад», «маблағи гузошта барои даромад дар фардо», «маблағгузорӣ ба соҳаҳои хоҷагии халқ бо мақсади ба даст овардани фоида ва самараи иҷтимоӣ» ва ғ. омадааст. Дар санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ «**сармоягузорӣ** – аз ҷониби сармоягузор дар шакли дороиҳои моддӣ ва ғайримоддӣ гузоштани сармоя”, “гузоштани сармоя барои истеҳсоли мол, иҷрои кор ва хизматрасонӣ», «хароҷот барои эҷод, такрористеҳсол ва ба даст овардани воситаҳои асосӣ ва дороиҳои ғайримоддӣ» ва ғ. тасвир карда шудааст. Дар ҳамаи ҳолатҳо мақсади сармоягузорӣ гирифтани фоида ва самараи иҷтимоӣ дониста шудааст, ки ба назари мо ҷои баҳс нест. Вале дар ягон таърифе, ки мавриди таҳқиқот қарор гирифтааст ба назари мо сармоягузориро чун фаъолият маънидод карда нашудааст. Аз ин ҷо таърифҳои оварда мукаммал мешуд, агар чунин мазмунро мегирифт. «Сармоягузорӣ –фаъолияти мақсадноки сармоягузор ба соҳаҳои хоҷагии

халқ дар як давраи муайян бо мақсади гирифтани фоида ва самараи иҷтимоӣ». Хусусияти фарқкунандаи таърифи мазкур онро «ҳамчун фаъолият», «мақсаднок», «муҳлатнок» баҳо додани он аст.

Тибқи сармоягузорӣ хусусиятҳои фарқкунандаи фаъолияти кишоварзӣ ва вобастагии он аз вазъи обу ҳаво, замину хок, боду борон, навъи зироат ва зоти чорво, номувофиқии давраи хароҷот ва ҷамъоварии ҳосил ва ғ., ки ҷолибияти пасти соҳаи кишоварзӣ ба ҷалби сармоягузорӣ ва нақши он дар ҳалли вазифаи стратегии таъмини амнияти озуқаворӣ ба этибор гирифта намешавад. Бо назардошти ин метавон «сармоягузории кишоварзиро ҳамчун сармоягузории ба хавфҳо муваҷҷеҳи аҳаммияти стратегидошта, ки дорои ҷолибияти паст ва ба дастгирии давлатӣ ниёздошта» маънидод намудан мумкин аст.

Дар диссертатсия, хусусиятҳои сармоягузории соҳаи кишоварзӣ муайян карда шудааст (ҷадвали 1).

Ҷадвали 1.- Хусусиятҳои фарқкунандаи сармоягузории кишоварзӣ нисбат ба дигар соҳаҳои иқтисодиёт.

№ т/т	Хусусиятҳои фарқкунандаи сармоягузорӣ дар соҳаи кишоварзӣ
1	Хавфи хушксолӣ, офатҳои табиӣ, тағйирёбии иқлим, характери мавсимӣ доштани талабот ба сармоягузорӣ
2	Бо организми зинда вобаста будани сармоягузорӣ
3	Вобастагии бевосита аз география, иқлим, хок ва зоти чорво
4	Вобастагӣ аз тухмии босифат, навъи растанӣ ва зоти чорво
5	Меҳнатталаб ва камдаромад будани соҳаи кишоварзӣ
6	Дастрасии маҳдуд ба технологияи нав, сатҳи пасти рақамикунонии иқтисодиёт
7	Сатҳи пасти ҷолибияти соҳа: ҳосилнокии пасти меҳнат, боздеҳии фондҳо
8	Дароз будани муҳлати байни сармоягузорӣ ва даромад аз фурӯш
9	Баланд будани сатҳи хавфҳои табиӣ ва молиявӣ
10	Маҳдуд будани сармоягузории дохилӣ ва сарчашмаҳои маблағгузорӣ
11	Сатҳи баланди арзиши қарз ва дастрасӣ ба қарзҳои дарозмуддат
12	Набудани асосҳои меъёрию ҳуқуқии истифодаи сертификати замин, чун воситаи гарав
13	Иҷозат додани хариду фурӯши замин, байни деҳқон ва давлат, бо мақсади пешгирӣ намудани бозори озод
14	Набудани созишномаҳои пешниҳоди сармоя бо гарави ҳосил
15	Набудани таҷрибаи истифодаи қарзҳои ипотеки-заминӣ
16	Таъсири мустақим ба сатҳи таъмини амнияти озуқаворӣ
17	Сатҳи пасти суғуртакунонии сармоягузориҳои соҳаи кишоварзӣ
18	Набудани сармоягузориҳои муштарак доир ба истеҳсоли маҳсулотҳои кишоварзӣ
19	Набудани сармоягузориҳо аз ҳисоби буҷет барои қисман ҷуброн намудани хароҷоти маҳсулотҳои стратегӣ
20	Набудани механизми хариди давлатии маҳсулотҳои кишоварзӣ бо нархҳои таъминкунандаи дараҷаи даромаднокӣ
21	Сатҳи пасти инфрасохтори истеҳсолӣ, сатҳи пасти таъмини талаботи хоҷагиҳои икшоварзӣ бо техника, таҷҳизоти шабакаҳои обёрӣ, нигоҳдорӣ, логистика ва ғ.

Сарчашма: Таҳияи муаллиф аз рӯйи адабиётҳои илмии мавриди таҳқиқот қароргирифта.

Ҳамаи хусусиятҳои дар боло мавриди таҳқиқот қароргирифта метавонад ба ҷолибияти сармоягузории соҳаи кишоварзӣ таъсири бевосита дошта бошад.

Ҳар як гӯруҳи омилҳои таъсиррасони фаъолияти сармоягузорӣ дар худ нишондиҳандаҳо ва равандҳои муайянеро дар бар мегиранд. Таркиби ҳар як гурӯҳи омилҳои таъсиррасони ҷолибияти сармоягузории субъекти иқтисодӣ дар расми 1 дарҷ гардидааст.

Муаллиф қайд намудааст, ки мутаассифона нақши стратегӣ доштани соҳаи кишоварзӣ дар таъмини амнияти озуқаворӣ, ҳангоми сармоягузорӣ ба назар гирифта намешавад, зеро ҳиссаи он дар ташаккули Маҷмуи маҳсулоти дохилӣ ба 24,3% баробар буда, дар сармоягузориҳо мустақими хориҷӣ ба 18,7% ва аз буҷети ҷумҳурӣ ба ҳисоби миёна дар ҳар як сол 0,2 %-и ММД-и кишвар маблағ ҷудо шудааст.

Дар доираи таҳқиқот 20 хусусияти сармоягузории соҳаи кишоварзӣ ҷудо карда шудаанд, ки ба назар гирифтани ҳар кадоме метавонад омили афзоиши сармоягузории соҳа гашта, самарноки иқтисодии соҳаро баланд бардорад. Хусусан характери мавсимӣ доштани талабот ба сармоягузорӣ, аз мутахассисони соҳа барномарезии махсусро талаб менамояд, зеро дар муҳлати муайян ва миқдори лозимии сармоя омили баланд бардоштани натиҷаҳои молиявии соҳа дониста мешавад.

Таҳқиқи таҷрибаи хориҷии сармоягузорӣ дар соҳаи кишоварзӣ нишон дод, ки ҳамаи мамлакатҳое, ки зери таҳқиқот қарор гирифта шуд нисбат ба сармоягузории соҳаи кишоварзӣ бетараф нестанд ва аз рӯйи имкониятҳои молиявии худ рушди соҳаро сармоягузорӣ менамоянд. Дар ҳамаи мамлакатҳо нақши соҳаи кишоварзӣ дар таъмини амнияти озуқаворӣ дарк карда шуда, бо ҳар роҳ аз ҷониби давлат рушди соҳа танзим карда мешавад. Сармоягузорӣ дар ҳамаи давлатҳо ба ҳавасманд намудани истеҳсолкунандагони соҳаи кишоварзӣ нигаронида шудааст, зеро дар ҳолати аз соҳа дур шудани истеҳсолкунандагон хавфи мутеъ шудан ба бозори беруна ба миён меояд, ки дар охир ба амнияти сиёсӣ метавонад таҳдид намояд.

Таҳлили сармоягузории соҳаи кишоварзӣ дар мамлакатҳои мавриди таҳқиқот қароргирифта дар солҳои 1996-2021 нишон дод, ки сатҳи сармоягузорӣ нобаробар амалӣ гашта, ҳиссаи он дар ММД дар соли 2021 аз 1,8% (Хитой) то 0,2% (Австралия) фарқ менамояд. Агар нишондиҳандаи мутлақи сармоягузорӣ дар мамлакатҳои аъзои Иттиҳоди Аврупо, Россия, Қазоқистон, Исроил тамоюли афзоиш дошта бошанд ҳам, вале нисбат ба ММД дар ҳолати коҳишёбӣ қарор доранд. Ин нишондиҳанда дар соли

Расми 1.-Гурӯҳбандии омилҳои ба ҷолибияти сармоягузорӣ таъсиррасон дар соҳаи кишоварзӣ. Сарчашмаи муаллиф

2021 нисбат ба соли 1986 дар Иттиҳоди Аврупо 1,9 банди фоизӣ, Канада - 1,4, Россия 1,6, Қазоқистон – 1,3, Австралия -0,6, Исроил – 0,5 банди фоизи коҳиш ёфтааст. Сармоягузории Хитой бошад ин нишондиҳанда дар соли 2021 нисбат ба соли 2000-ум 11,9 маротиба афзудааст, ки ин аз тақвияти стратегии сиёсати сармоягузории давлат дар бахши кишоварзӣ шаҳодат медиҳад.

Барои Ҷумҳурии Тоҷикистон истифодаи таҷрибаи ҳамаи давлатҳо аз имкон берун аст, зеро захираҳои молиявии маҳдуд дорад, вале:

- таҷрибаи ИМА доир ба тадриҷан коҳиш ёфтани шумораи хоҷагиҳои фермерӣ ва зиёд шудани қитъаи замини онҳо ҷолиби диққат аст, зеро шумораи хоҷагиҳо дар соли 2023-юм ба 176,5 ҳаз. адад расида, ба як хоҷагии деҳқонӣ 14,6 га заминҳои таъйиноти кишоварзӣ рост меояд;

- таҷрибаи давлатҳои Иттиҳоди Аврупо дар бахши ҷалби ҷавонон ба соҳаи кишоварзӣ бо пардохти фоизи қарзҳои бонкӣ, кумакпулӣ барои истеҳсолкунандагоне, ки дар минтақаҳои нобоби кишоварзӣ истеҳсолотро ба роҳ мемонанд, барои бунёди ҷангалзор;

- таҷрибаи Австралия, доир ба ҷуброни зарар аз ҳисоби фонди суғурта, зеро дар Тоҷикистон пардохтҳои суғуртавӣ дар соли 2023 аз 418,1 млн. сомонӣ суғуртапулӣ танҳо 18,1 млн сомонӣ, ё 4,5%-ро ташкил медиҳад;

- таҷрибаи Исроил доир ба ҷуброни қарзҳои хоҷагиҳо барои пардохти ҳаққи хизматрасонии об;

- таҷрибаи Канада доир ба пардохти фоизи қарзи бонкҳо, дастгирии рушди илми кишоварзӣ;

- таҷрибаи Россия доир ба истифодаи сиёсати истеҳлок, чун омили сармоягузории истеҳсолот дар шароити таҳримҳо қобили қабул аст.

Дар боби 2 «**Таҳлили ҳолати муосири сармоягузорӣ ба соҳаи кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон»** ба вазъи муосири сармоягузорӣ ба иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва баҳои ҳолати кунунии ҷалби сармоягузориҳо ба соҳаи кишоварзӣ ва арзёбии самаранокии иқтисодии сармоягузориҳо ба соҳаи кишоварзӣ баҳо дода шудааст.

Дар диссертатсия қайд шудааст, ки рушди иқтисодиёти Тоҷикистони муосирро бе ҷалби сармоя таъмин намудан аз имкон берун аст, зеро “дар шароити суст шудани рушди иқтисодӣ аксари кишварҳои ҷаҳон аз беҳсозии фазои сармоягузорӣ ҳамчун воситаи суръат бахшидан ба рушди иқтисодӣ ва баланд бардошани сифати он истифода мебаранд. Мақомоти давлатӣ дар чунин шароит ҳамчун субъекҳои талошкуниҳои рақобатнок барои сармоягузориҳо саъю кушиш мекунанд ва ба сармоягузорон “маҳсулоти” худро, ки “фазои сармоягузорӣ ” мебошад, пешниҳод мекунанд [21].

Афзоиши ҳамасолаи ММД ба ҳисоби миёна дар панҷ соли охир дар ҳаҷми 7,7% аз он шаҳодат медиҳад, ки новобаста аз таъсири пандемияи COVID- дар солҳои 2019-2020 таъсири ҷалби сармояҳои дохилӣ ва хориҷӣ ба иқтисодиёти кишвар ҳис карда мешавад, зеро ММД ба нафар дар солҳои 2019-2023-юм аз 8580,1 сомонӣ то 12868,8 сомонӣ, ё 50,0% афзудааст. Сатҳи камбизоатӣ аз 27,5% -и соли 2019 то 21,0% коҳиш ёфтааст. Дар ин давра сармоягузориҳо аз 12517,8 сомонӣ то 20699,8 млрд сомонӣ расида, дар соли 2023 ба 15,8% ММД баробар аст.

Дар диссертатсия қайд шудааст, ки соҳаи кишоварзӣ барои рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон мавқеи махсусро ишғол менамояд, зеро таъмини амнияти озуқаворӣ, рушди соҳаҳои коркарди саноатӣ, шуғли аҳолӣ ва истеҳсоли маҳсулотҳои воридотивазкунанда ва ба содирот нигаронидашуда дар ин соҳа истеҳсол карда мешавад. Тибқи рақамҳои оморӣ соли 2023 дар ин соҳа 24,4%-и маҷмуи маҳсулоти дохилӣ истеҳсол шуда, 61,7% захираҳои меҳнатӣ фаъолият менамуданд. Ҳамасола, зиёда 1308 корхонаҳои саноатии коркарди маҳсулотҳои кишоварзӣ 16254 млн. сомонӣ маҳсулоти саноатӣ истеҳсол намуда, 92,3 ҳаз. нафар коргарон ба шуғли пурмаҳсул фаро гирифта мешаванд [18].

Дар давраи зери таҳқиқот қароргирифта маҷмуи маҳсулоти кишоварзӣ тамоюли рушди устувор дошта, соли 2023 он ба 63028,4 млн. сомонӣ расидааст, ки нисбат ба соли 2019-ум 36,6% зиёд аст. Ҳиссаи истеҳсолоти кишоварзӣ дар сохтори ММД дар соли 2023 ба андозаи 24,4% баробар буд, ки нисбат ба соли 2019-ум 3,5 банди фоизӣ ва нисбат ба нишондиҳандаҳои СМР-2030 дар соли 2025 – ум 4,3 банди фоизӣ зиёд аст. Дар ин давра маҷмӯи маҳсулоти кишоварзӣ ба 100 га киштзори кишоварзӣ 36,3% афзуда аз 125584 сомонӣ дар соли 2019 то 171110 сомонӣ расидааст. Бояд зикр намуд, ки новобаста аз он ки ин нишондиҳанда тамоюли афзоиш дорад, вале он наметавонад қаноаткунанда бошад.

Шумораи машғулин дар соҳаи кишоварзӣ низ тамоюли афзоиш дошта, дар соли 2023 он 1618,7 ҳазор нафар расидааст, ки нисбат ба соли 2019-ум 7,4% зиёд аст. Истеҳсоли маҷмуи маҳсулоти кишоварзӣ ба як нафар машғулин, ки и истифодаи захираҳои меҳнатиро таҷассум менамояд дар соли 2023 нисбат ба соли 2019-ум 27,2% афзуда ба 38937,6 сомонӣ расидааст.

Бояд қайд намуд, ки солҳои охир дастгирии давлатии соҳаи кишоварзӣ эҳсос карда мешавад, зеро дар солҳои 2019-2023 аз ҳисоби буҷет ба рушди соҳа 4570,2 млн сомонӣ маблағгузорӣ карда шудааст, ки ба ҳисоби миёна дар як сол 914,04 млн. сомониро ташкил менамояд. Дар соли 2023 аз ҳисоби буҷети давлатӣ барои рушди соҳаи кишоварзӣ 1635,0 млн.

сомонӣ маблағ ҷудо карда шуда буд, ки нисбат ба соли 2019 қариб 2,6 баробар зиёд аст.

Ҳиссаи хароҷотҳои буҷет ба соҳаи кишоварзӣ нисбат ба ҷамъи хароҷотҳо дар сатҳи 2,7-3,8% бошад ҳам, вале тамоюли афзоиш дорад. Дар ин давра ҳиссаи кишоварзӣ 1,1 банди фоизӣ зиёд шудааст.

Дар ин давра сармоягузорӣ ба соҳаи кишоварзӣ 2,5 баробар афзуда, аз 33208 ҳаз. сомонӣ то 114905 ҳаз. сомонӣ афзудааст. Сармоягузорӣ, нисбат ба маҷмуи маҳсулоти кишоварзӣ назаррас набуда, танҳо 0,03-0,18%-ро ташкил додааст.

Ҷадвали 1. - Динамикаи нишондиҳандаҳои асосии рушди соҳаи кишоварзӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2019-2023.

Нишондиҳандаҳо	Солҳо					2023 / 2019, %
	2019	2020	2021	2022	2023	
Маҷмуи маҳсулоти кишоварзӣ бо нархҳои соли 2022, млн. сомонӣ	46140,7	50225,7	53576,2	57841,7	63028,4	136,6
Ҳиссаи маҳсулоти кишоварзӣ дар сохтори ММД, %	20,9	22,7	22,4	22,9	24,4	+3,5
Маҷмуи маҳсулоти кишоварзӣ ба 100 га киштзори кишоварзӣ, сомонӣ	125584	136721	146128	157654	171110	136,3
Шумораи машғулин дар соҳаи кишоварзӣ, ҳаз. нафар [18]	1507,3	1525,6	1535,3	1608,8	1618,7	107,4
Истеҳсоли маҷмуи маҳсулоти кишоварзӣ ба як нафар машғулин, ҳаз. сомонӣ	30611,5	32921,9	34896,2	35953,3	38937,6	127,2
Хароҷотҳои буҷет ба соҳаи кишоварзӣ, млн. сомонӣ [9], [18]	632,4	612,9	662,4	1027,5	1635,0	258,5
Ҳиссаи хароҷотҳои буҷет ба соҳаи кишоварзӣ нисбат ба ҷамъи хароҷотҳо,%	2,7	2,5	2,3	2,9	3,8	+1,1
Сармоягузорӣ ба соҳаи кишоварзӣ, ҳаз. сомонӣ	33208	12729	15267	104518	114905	346,0
Сармоягузорӣ, нисбат ба маҷмуи маҳсулоти кишоварзӣ, %	0,07	0,03	0,03	0,18	0,18	+0,11
Маҷмуи маҳсулоти кишоварзӣ ба як сомонӣ сармоягузориҳо, сомонӣ	1389,4	3945,8	3509,3	553,4	548,5	39,1
Қарзгузории бонкҳо ба соҳаи кишоварзӣ, млн. сомонӣ	154,3	764,4	298,2	2507,6	2 734,4	17,7 мар.

Идомаи ҷадвали 1

Ҷалби лизинги молиявӣ ба соҳаи кишоварзӣ, млн. сомонӣ	34,8	37,8	45,4	50,9	45,6	131,0
Қарздории хоҷагиҳои кишоварзӣ аз рӯйи уҳдадорӣ, млн сомонӣ	1144,4	2796,9	3312,5	3094,1	3071,8	268,4
Қарзҳои кредитории соҳаи кишоварзӣ, млн сомонӣ	799,1	1566,6	1872,6	1822,2	1908,3	238,8
Қарзҳои дебитории соҳаи кишоварзӣ, млн сомонӣ	384,2	419,1	708,1	794,9	777,9	202,5

Сарчашма: Омори солонаи Чумҳури Тоҷикистон. Маҷмуаи оморӣ. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. 2024. С.275. Молияи Тоҷикистон. Маҷмуаи оморӣ. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. 2024. -С.13-22; 109-115. Маълумотҳои КВД «Агролизинг».[18.9.12]

Маҷмуи маҳсулоти кишоварзӣ ба як сомонӣ сармоягузориҳо дар соли 2023 нисбат ба соли 2019-ум 60,9% коҳиш ёфта, аз 1389,4 сомонӣ то 548,5 сомонӣ расидааст, ки аз истифодаи ғайри сармоягузориҳо шаҳодат медиҳад.

Динамикаи сармоягузорӣ ба соҳаи кишоварзӣ дар ҷадвали 2 нишон дода шудааст.

Ҷадвали 2. -Динамикаи сармоягузорӣ ба соҳаи кишоварзӣ (бо нархҳои амалкунанда, млн. сомонӣ)

Нишондиҳандаҳо	**Солҳо**					**2023 / 2019, %**
	2019	**2020**	**2021**	**2022**	**2023**	
Дар ҷумҳурӣ	**12517,8**	**11775,6**	**15124,9**	**16655,2**	**20699,8**	**165,4**
аз он ҷумла:						
Кишоварзӣ, ҳаз. сомонӣ	33208	12729	15267	104518	114905	346,0
Ҳисса аз ҷамъи умумӣ, %	0,27	0,11	0,10	0,63	0,51	+0,24

Сарчашма. Сохтмон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. Маҷмӯаи оморӣ. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. 2024. –С.5-7.[20]

Ҷуноне ки аз рақамҳои дар ҷадвал овардашуда бармеояд, агар ҳиссаи соҳаи кишоварзӣ дар ҷамъи умумии сармоягузориҳо дар соли 2023 – ум ба 0,51 фоизи сармоягузорихои умумии кишвар рост омада бошад, вале солҳои 2020 он ба 0,11 ва соли 2021ба 0,10 ва соли 2019 ба 0,27% баробар буд. Ин рақамҳо аз он шаҳодат медиҳад, ки тибқи тақсими сармоя нақши соҳа дар ташаккули ММД ба назар гирифта намешавад.

Дигар сарчашмаи сармоягузории соҳаи кишоварзӣ ҷалби сармояи хориҷӣ ба ҳисоб меравад, ки дар солҳои 2019-2023 тамоюли афзоиш дорад. Динамикаи тағйирёбии ҳаҷми сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ, дар умум ва аз он ба рушди соҳаи кишоварзӣ дар солҳои 2019–2023 дар ҷадвали 3 оварда шудааст.

Ҷадвали 3.- Динамикаи тағйирёбии ҳаҷми сармоягузориҳои хориҷӣ ба рушди соҳаи кишоварзӣ дар солҳои 2019–2023, млн. доллар

Нишондиҳандаҳо	Солҳо					2023 / 2019, %	Дар 5. сол
	2019	2020	2021	2022	2023		
Сармоя ворид шудааст, ҳамагӣ	607,1	428,5	718,3	2576,8	2784,0	458,6	7114,7
Аз он:							
Сармоягузориҳои мустақим, ҳамагӣ, млн.долл.ИМА	345,9	162,5	342,2	618,4	284,1	82,1	1753,1
Аз он: кишоварзӣ	86,5	11,3	106,1	0,4	21,7	25,1	226,0
Ҳиссаи кишоварзӣ, %	9,5	7,0	31,0	0,06	7,6	17,4	12,9
Сармоягузориҳои ҷомадонӣ, ҳамагӣ,млн.долл.ИМА	0,076	0,5	0,075	0,2	122,6	1613,0б.	123,5
Аз он: кишоварзӣ	-	0,09	-	-	-	-	0,09
Ҳиссаи кишоварзӣ, %	-	18,0	-	-	-	-	0,07
Дигар сармоягузориҳо, ҳамагӣ, млн. долл.ИМА	261,1	265,4	376,0	1958,2	2499,6	957,3	5360,3
Аз он: кишоварзӣ	-	-	-	-	0,08	-	0,08
Ҳиссаи кишоварзӣ, %	-	-	-	-	0,003	-	0,001

Сарчашма. Фаъолияти иқтисоди хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Маҷмуаи оморӣ. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Солҳои мухталиф. 2024. – С.552-525. [23]

Чуноне ки аз рақамҳои омории ҷадвали ба назар мерасад, давоми солҳои 2019–2023 дар маҷмӯъ, ба иқтисодиёти кишвар беш аз 7114,7 млн. долл. ИМА сармояи хориҷӣ ворид гаштааст, ки аз он 1753,1 млн.долл. ИМА (24,6%) сармояи мустақим, 123,5 млн. долл. ИМА (1,7%) сармояи ҷомадонӣ ва 5360,3 млн. долл. ИМА (73,7%) дигар сармоягузориҳо ташкил менамояд.

Аз ҷумла, ба соҳаи кишоварзӣ дар давоми панҷ сол 226,2 млн. долл. ИМА сармояи хориҷӣ ҷалб карда шудааст, ки 12,9%-и ҷамъи сармоягузориро ташкил менамояд.

Аз он 226,0 млн. долл. ИМА сармоягузории мустақим 0,09 млн.долл. ИМА сармояи ҷомадонӣ ва 0,08 млн.долл. ИМА сармоягузориҳои дигар ташкил медиҳад.

Таҳлил нишон медиҳад, ки дар соли 2023 сармоягузориҳо ба соҳаи кишоварзӣ нисбат ба соли 2019-ум 74,9% коҳиш ёфтааст. Ин аз ҷолибияти пасти сармоягузории соҳаи кишоварзӣ шаҳодат медиҳад. Зеро, ҳоло танҳо 3 лоиҳаи сармоягузории давлатӣ ба маблағи умумии – 191,1 млн. доллари ИМА мавриди амал қарор дорад, ки дар доираи онҳо ба ҳолати 1 январи соли 2024 маблағи 60,1 млн. долл. ИМА азхуд карда шудааст. Ҳиссаи соҳаи кишоварзӣ дар сохтори лоияҳои тадбиқшаванда 4,2%-ро ташкил менамояд (ҷадвали 4).

Ҷадвали 4. -Таҳлили иҷрои лоиҳаҳои амалкунандаи сармоягузории соҳаи кишоварзӣ ба ҳолати 1.01.2024, ҳаз. долл. ИМА.

Номгӯйи лоиҳаҳо	Маблағи умумии лоиҳа	Иҷро шудааст	% иҷро
Ҳамаи лоияҳаҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон	4 504 603,0	2 369 238,0	52,6%
Аз онҳо:			
Лоиҳаи «Дастгирии соҳаи кишоварзӣ дар заминаи ҷомеа»	39 322,0	32 722,24	83,2%
Лоиҳаи «Дастгирии соҳаи кишоварзӣ дар заминаи ҷомеа (CARS+)»	43 800,0	11,83	0,03%
Лоиҳаи «Баланд бардоштани устувории кишоварзӣ »	108 000,0	27 346,98	25,3%
Ҳамагӣ	191 122,0	60 081,05	31,4%
Ҳиссаи кишоварзӣ аз ҷамъи лоияҳаҳо, %	4,2	2,5	х

Сарчашма: Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ. Захираҳои интернетӣ. Санаи муроҷиат: 12.12.2024.[8]

Таҳлил собит менамояд, ки лоиҳаҳои анҷомёфта ва амалкунандаи давлатии сармоягузорӣ дар соҳаи кишоварзӣ бо ҷалби қарз ва грантҳо амалӣ карда мешавад, ки ҳиссаи онҳо дар ҷадвали 5 оварда шудааст.

Ҷадвали 5.- Сохтори лоияҳаҳо анҷомёфта ва амалкунандаи давлатии сармоягузорӣ дар соҳаи кишоварзӣ бо ҷалби қарз ва грант,

Нишондиҳанда	Солҳо					Ҷамъ дар 5 сол
	2019	2020	2021	2022	2023	
Қарз	12192	10988	12280	15330	3551,4	54341,4
Грант	24040	32614	33775	73330	27880,9	442639,9
Саҳми ҲҶТ	-	-	-	-	777,3	777,3
Ҳамагӣ	36232	43602	46055	88660	32209,6	497758,6
Таносуби қарз, %	33,6	25,2	26,7	17,3	11,0	10,9
Таносуб грант, %	66,4	74,8	73,3	82,7	86,6	89,1

Сарчашма: Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идоракунии амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон.[8]

Чуноне ки аз ҷадвал ба назар мерасад, дар давраи таҳлилӣ ҳаҷми воситаҳои пулии дар шакли қарз ва грант ба рушди соҳаи кишоварзӣ ҷалбгардида, тақрибан 13,7 маротиба зиёд гардидааст. Дар панҷ соли охир таносуби қарз 10,9 ва грантҳо 89,1%-ро ташкил додааст, ки қадами устувор дар дастгирии соҳаи кишоварзӣ мебошад.

Вале,таҳлилҳо нишон доданд, ки ҳоло ҳаҷми маблағгузориҳои давлатӣ ва сармоягузориҳои беруна ба рушди бахши кишоварзӣ кофӣ нестанд. Ин вазъ, соҳибкорони бахши кишоварзиро маҷбур месозад, ки ба воситаҳои қарзӣ бештар рӯ биёранд.

Дастрасӣ ба захираҳои қарзӣ ва мунтазам инкишоф додани он дар соҳаи кишоварзӣ натанҳо вазъи молиявии соҳа ва рақобатпазирии онро

метавонад беҳтар намояд, балки фаъолияти соҳибкорӣ ва ҳавасмандии онро таъмин намояд.

Аз ин рӯ, ба сарчашмаҳои алтернативии маблағгузорӣ барои ҳамаи шаклҳои хоҷагидорӣ бояд таваҷҷуҳи махсус зоҳир кард. Илова бар ин, имкониятҳои функсионалии муассисаҳои қарздиҳанда дар доираи арзёбиҳои қарзӣ ва усулҳои нави идоракунии он, инчунин ҷорӣ намудани воситаҳои нави амонатӣ (гарав), махсусан барои соҳибкорони соҳаи кишоварзӣ, аз он ҷумла, хоҷагиҳои хурди деҳконӣ зарур шуморида мешаванд.

Мушоҳида мегардад, ки солҳои охир дар натиҷаи мусоид гардидани шароити пешниҳоди гарав ба бонкҳо ва ташкилотҳои маблағгузории хурд инчунин, такмил ёфтани қонунгузории кишвар бо мақсади васеъ намудани дастрасии бахши хусусӣ ба воситаҳои қарзии низоми бонкӣ ва аз байн бурдани мухолифати байни санадҳои қонунгузорӣ оид ба масъалаҳои гарав ва муфлисшавӣ ҳаҷми қарзгузориҳои хурду миёна ба рушди бахши хусусӣ ва фаъолияти соҳибкорӣ дар кулли соҳаҳои иқтисодиёт 18 991,2 млн. сомониро ташкил дод, ки нисбат ба соли 2019 –ум 148,8 % зиёд аст.

Аз ҷумла, қарзгузории бахши кишоварзӣ мунтазам тамоюли зиёдшавӣ дошта, соли 2023 он ба 2 734,4 млн. сомонӣ расидааст, ки нисбат ба соли 2019-ум 17,7 маротиба зиёд аст (ҷадвали 6). Ҳиссаи кишоварзӣ дар сохтори қарзгузории бонкҳо аз 2,0%-и соли 2019 то 14,4% дар соли 2023 расидааст, ки аз афзоиши фаъолияти молияви ва баландшавии эътимоди бонкҳо ба бахши кишоварзӣ ҳамчун объекти сармоягузорӣ шаҳодат медиҳад. (ҷадвали 6)

Ҷадвали 6. -Ҳаҷми пешниҳоди қарзҳои бонкӣ ба соҳаи кишоварзӣ дар солҳои 2019-2023,млн. сомонӣ

	Солҳо					2023 / 2019, %
	2019	2020	2021	2022	2023	
Ҳамагӣ	7664,7	8903,5	10349,6	14382,1	18 991,2	247,8
Аз ҷумла:						
Кишоварзӣ	154,3	764,4	298,2	2507,6	2 734,4	1772,1
Ҳиссаи кишоварзӣ, %	2,0	8,6	2,9	17,4	14,4	+12,4

Сарчашма: Бюллетени омори бонкӣ, Душанбе, №12,- 2019. –С.42; 2020 -С.45. 2021- С.41; 2022-С.39-40; 2023 -С.40-41; [1]

Ба замми қарзҳо бонкӣ ташкилотҳои қарзии хурд ҳам ба соҳаи кишоварзӣ қарзгузорӣ менамоянд. Дар давраи зери таҳқиқот қарордошта ташкилотҳои қарзии хурд ба соҳаҳои хоҷагии халқ 45631,9 ҳаз. сомонӣ қарзгузорӣ намуданд. Ба соҳаи кишоварзӣ 9136,4 ҳаз. сомонӣ ё, 20,0 дарсади он рост меояд (ҷадвали 7).

Ҷадвали 7.- Ҳаҷми қарздиҳии хурд ба соҳаи кишоварзӣ дар солҳои 2019-2023, ҳаз.сомонӣ

Номгӯй	Солҳо					2023/ 2019
	2019	2020	2021	2022	2023	
Ҳамагӣ, қарзҳои хурд	6004,0	6251,6	9262,8	10527,9	13585,6	226,3
Кишоварзӣ	1101,1	1441,6	1929,5	2135,6	2528,6	229,6
Ҳиссаи кишоварзӣ, дар ҷамъи қарз, %	18,3	23,1	20,8	20,3	18,6	+0,3
Қарзи хурд ба 1га замини кишт, сомонӣ	1,30	1,68	2,24	2,48	2,94	226,2

Манбаъ: Бюллетени омори бонкӣ, соли 2019 -С.69; 2020-С.67; 2021 -С.56; 2022-С.56; 2023-С.58. [1]

Аз рақамҳои ҷадвали 7 мушоҳида мегардад, ки сол аз сол ҳаҷми қарзгузории ташкилотҳои қарзӣ афзуда, дар соли 2023 ба 13585,6 ҳаз. сомонӣ расидааст, ки нисбат ба соли 2019-ум 126,3 фоиз зиёд аст. Соли 2023 ба соҳаи кишоварзӣ 2528,6 ҳаз. сомонӣ қарзҳои хурд дода шудааст, ки нисбат ба соли 2019-ум 129,6% зиёд аст. Ҳиссаи кишоварзӣ дар сохтори қарзҳои хурд 18,6%-ро ташкил додааст.

Қарзи хурд ба 1 га заминҳои кишт, ки дар соли 2023 ба 2,94 сомонӣ баробар буд, ки ночиз буда, дар бораи ҷолибияти пасти соҳаи кишоварзӣ шаҳодат медиҳад.

Дигар сарчашмаи сармоягузории соҳаи кишоварзӣ истифодаи лизинги молиявӣ барои хариди техника ва таҷҳизотҳо ба ҳисоб меравад. Қобили қайд аст, ки аз соли 2008 сар карда КВДҶ «Тоҷикагролизинг» ташкил карда шуд, ки то сентябри соли 2024 ба 3605 хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) 2650 адад техника ба маблағи 440,6 млн. сомонӣ ва 7788 адад таҷҳизотҳо ба маблағи 160,4 млн сомонӣ расонида шуд.

Дар маҷмуъ, ба соҳаи кишоварзӣ ба маблағи 601,05 млн сомонӣ хизматрасониҳои лизингӣ карда шудааст.

Аз ҷумла, аз ҳисоби маблағҳои буҷетӣ 244,6 млн. сомонӣ, ё 40,7%, 306,1 млн сомонӣ, ё 43,2% аз ҳисоби маблағҳои фаъолияти хоҷагидорӣ, 10,9 млн сомонӣ, ё 1,8% аз ҳисоби маблағгузории ҳукумат, 17,1 млн сомонӣ, ё 2,8% аз ҳисоби лоиҳаи грантӣ (2 KR) Ҷопон солҳои 2010 – 2016, 7,5 млн сомонӣ, ё 1,2% аз ҳисоби Фонди шарикӣ 2010-2016, 3,2 млн сомонӣ, ё 0,5% Лоиҳаи рушди соҳибкорӣ (IMG-JICA), 11,4 млн. сомонӣ, ё 1,9% аз ҳисоби Лоиҳаи рушди чорводорӣ ва чарогоҳҳо, 0,525 млн. сомонӣ, ё 1,1% аз ҳисоби Лоиҳаи баланд бардоштани устувории кишоварзӣ (30%) амалӣ гаштааст (ҷадвали 8).

Ҷадвали 8. -Маълумот оиди фаъолияти КВДҶ «Тоҷикагролизинг» дар солҳои 2008 ва сентябри соли 2024

Сарчашмаҳои воридоти маблағҳо	Шумораи хоҷагиҳо	техника		тачҳизот		Ҳамагӣ (млн. сомонӣ)	Ҳисса аз ҷамъи умумӣ, %
		Миқдор (адад)	Маблағ (млн. сомонӣ)	Миқдор (адад)	Маблағ (млн. сомонӣ)		
Аз ҳисоби маблағҳои бюҷетӣ	1014	972	219,6	1014	25,0	244,6	40,7
Аз ҳисоби маблағҳои фаъолияти хоҷагидорӣ	2370	1298	184,5	196	121,6	306,1	50,9
Кумаки ҳукумат		130	10,5	113	0,5	10,9	1,8
Лоиҳаи гранти (2 KR)Ҷопон солҳои 2010 – 2016	126	129	16,5	106	0,5	17,1	2,8
Фонди шарикӣ 2010 – 2016	67	65	7,2	55	0,3	7,5	1,2
Лоиҳаи рушди соҳибкорӣ (IMG-JICA)	16	11	2,2	35	1,0	3,2	0,5
Лоиҳаи рушди чорводорӣ ва чарогоҳҳо		-	-	105	11,4	11,4	1,9
Лоиҳаи баланд бардоштани устувории кишоварзӣ (30%)	1	1	0,2	3	0,05	0,25	1,1
Ҳамагӣ	3605	2650	440,6	7788	160,4	601,05	100,0

Сарчашма: Корхонаи воҳиди давлатии ҷумҳуриявии КВДҶ «Тоҷикагролизинг»: www.tajikagroleasing.tj.[12]

Нақши кишоварзиро дар рушди иқтисодиёти кишвар ва таъмини амнияти озуқавориро ба назар гирифта, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба имкониятҳо сармоягузории соҳаро аз ҳисоби ҳамаи сарчашмаҳо афзун намудаст.

Дар сармоягузории соҳаи кишоварзӣ нақши қарзгузории бонкҳо ва ташкилотҳои хурди молиявӣ назаррас буда, дар ин давра ҳиссаи кишоварзӣ дар сохтори қарзгузории бонкҳо аз 2,0%-и соли 2019 то 14,4%, ташкилотҳои хурди молиявӣ аз 18,3 то 18,6 банди фоизӣ афзудааст. Новобаста аз он ки ташкилотҳои молиявии хурд қарзгузориро ба соҳаи кишоварзӣ афзудаанд, вале ба 1 га заминҳои кишт дар соли 2023 ба 2,94 сомонӣ баробар буд ночиз буда, дар бораи ҷолибияти пасти соҳаи кишоварзӣ шаҳодат медиҳад.

Дар диссертатсия динамикаи самаранокии сармоягузорӣ ба соҳаи кишоварзӣ нишон дода шудааст (ҷадвали 9).

Агар сармоягузорӣ, нисбат ба маҷмуи маҳсулоти кишоварзӣ дар соли 2019 ба 0,07% баробар бошад, пас дар соли 2023 он ба 0,18 % баробар шудааст, ки 0,11 банди фоизӣ зиёд аст.

Ҷадвали 9. -Самаранокии сармоягузорӣ ба соҳаи кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2019-2023.

Нишондиҳандаҳо	Солҳо					2023/ 2019, %
	2019	2020	2021	2022	2023	
Маҷмуи маҳсулоти кишоварзӣ бо нархҳои соли 2022, млн. сомонӣ	46140,7	50225,7	53576,2	57841,7	63028,4	136,6
Сармоягузорӣ ба соҳаи кишоварзӣ, ҳаз. сомонӣ	33208	12729	15267	104518	114905	346,0
Сармоягузорӣ, нисбат ба маҷмӯи маҳсулоти кишоварзӣ, %	0,07	0,03	0,03	0,18	0,18	+0,11
Маҷмуи маҳсулоти кишоварзӣ ба як сомонӣ сармоягузориҳо, сомонӣ	1389,4	3945,8	3509,3	553,4	548,5	39,1

Сарчашма: Омори солонаи Ҷумҳури Тоҷикистон. Маҷмӯаи оморӣ. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. 2024.С 275. Молияи Тоҷикистон. Маҷмуаи оморӣ. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. 2024 -С.13-22- 109-115. [18.9].

Таҳлил нишон дод, ки ба як сомонӣ сармоягузориҳо дар соли 2023-юм 548,5 сомонӣ маҷмуи маҳсулоти кишоварзӣ истеҳсол карда шудааст, ки нисбат ба соли 2019-ум 70,9% кам аст. Боздеҳии сармоягузориҳо тамоюли пастравӣ дошта нисбат ба соли 2020-ум 7,2 баробар, нисбат ба соли 2021-ум 6,4 баробар ва нисбат ба соли 2022 –юм 0,9% кам шудааст.

Боздеҳии пасти сармоягузориҳо ба он оварда расонид, ки уҳдадориҳои қарзии хоҷагиҳои кишоварзӣ бо суръат афзоиш намуда, дар соли 2023-юм ба 3071,8 млн. сомонӣ расидааст, ки нисбат ба соли 2019-ум 168,4% афзоиш ёфтааст. Қарздории хоҷагиҳои кишоварзӣ аз рӯйи уҳдадориҳо ба 100 сомонӣ маҷмуи маҳсулоти кишоварзӣ низ бемайлон афзуда, ба 4,9 сомонӣ баробар шудааст, ки нисбат ба соли 2019-ум 96,0% зиёд аст. Қарзҳои кредитории соҳаи кишоварзӣ аз дигар сохторҳои иқтисодиёт ба 1908,3 млн. сомонӣ расидааст, ки нисбат ба соли 2019-ум 138,8% зиёд аст.

Қарзҳои кредитории соҳаи кишоварзӣ ба 100 сомонӣ маҷмуи маҳсулоти кишоварзӣ аз 1,73 сомонии соли 2019 то 3,03 сомонӣ дар соли 2023 афзоиш ёфтааст.

Дар сатҳи микроиқтисодӣ бошад, мо сарчашмаи сармоягузориҳоро, ки аз қисми фоидае, ки барои фонди васеъкунии истеҳсолот ҷудо карда мешавад, фонди истеҳлок ва қарзӣ бонкӣ ташаккул меёбанд, дар мисоли ҶДММ «Латиф.Муродов» ва кооперативи тиҷоратии «Баракати Ватан»-и ш. Ҳисор, «Раҳмонҷон»-и н.Данғара мавриди таҳқиқот қарор гирифтааст.

Дар панҷ соли охир ҶДММ «Латиф.Муродов» сармоягузории худро аз ҳисоби се сарчашма: фоида, фонди истеҳлок ва қарзи бонкӣ 4198,8 ҳаз. сомонӣ, аз ҷумла: фоида 390,9 ҳаз сомонӣ, фонди истеҳлок 621,3 ҳаз. сомонӣ ва қарзи бонкӣ 3 млн. сомонӣ сармоя ҷамъ овардааст (ҷадвали 10).

Ҷадвали 10. -Сарчашмаҳои сармоягузории ҶДММ «Л.Муродов» -и ш.Ҳисор дар солҳои 2019-2023, ҳаз. сомонӣ

Нишондиҳандаҳо	Солҳо					Ҷамъ дар 5 сол	2023/ 2019, %
	2019	2020	2021	2022	2023		
Фондҳои асосӣ	7391,9	6401,5	4043,3	4091,7	3421,3	25349,7	46,6
Ҳароҷотҳо	14430,7	10589,5	11239,8	2581,6	1996,1	40837,1	13,8
Аз он: истеҳлок	383,1	215,9	234,8	126,0	131,1	621,3	34,2
Ҳиссаи истеҳлок дар сохтори хароҷотҳои моддӣ, %	2,7	3,4	2,1	4,9	6,6	1,5	-1,2
Фоида	770,1	334,0	583,1	131,1	-254,8	1563,5	-
Қарзи бонк	-	-	-	-	3000,0	3000,0	-
Фонди рушди истеҳсолот	89,7	18,2	-	-	-	107,9	-
Ҷамъи сармоягузорӣ аз ҳисоби ҳамаи сарчашмаҳо	472,8	234,1	234,8	126,0	3131,1	4198,8	1550,3
Дараҷаи даромаднокӣ, %	162,9	142,7	248,3	462,8	-	37,2	х

Сарчашма: Ҳисоботҳои солонаи ҶДММ «Латиф.Муродов» -и ш.Ҳисор.[17]

Аз ин ҳисоб ба хоҷагӣ техника ва таҷҳизотҳои нав харидорӣ намуда, корҳои саҳроиро ба иҷро расонидааст.

Таҳлили нишондиҳандаҳои ҷадвали 10 аз он шаҳодат медиҳад, ки дар давоми панҷ соли охир фондҳои асосӣ дар ин хоҷагӣ 53,4% коҳиш ёфтааст.

Хароҷотҳои моддӣ нисбат ба соли 2019-ум 13,8% -ро ташкил медиҳад. Ҳиссаи истеҳлок дар сохтори хароҷотҳои моддӣ 1,2 банди фоизӣ кам шудааст. Кор ба ҷое расидааст, солҳои охир бинобар зарароварш удани соҳаи пахтакорӣ хоҷагӣ солро бо зарар ҷамъбаст намудааст. Се соли охир хоҷагӣ натавонистааст, ки аз ҳисоби фоида фонди рушди истеҳсолотро ташкил намояд. Техникаи кишоварзиро аз ҳисоби ҷалби қарзҳои бонкӣ амалӣ намудааст. Агар дар панҷ соли охир хоҷагӣ барои рушди соҳа 4198,8 ҳаз. сомонӣ сармоя сафарбар карда бошад, пас ба як сомонӣ сармоягузорӣ 0,37 сомонӣ фоида ба даст оварда шудааст. Дараҷаи даромаднокӣ ба 37,2% баробар аст.

Дар кооперативи тиҷоратии «Баракати Ватан»-и ш.Ҳисор дар панҷ соли охир сармоягузорӣ танҳо аз ҳисоби фонди истеҳлок ташаккул ёфтааст, ки он ҳам дар соли 2023 нисбат ба соли 2019-ум 4,5% коҳиш ёфтааст (ҷадвали 11).

Ҷадвали 11. -Сарчашмаҳои сармоягузории кооперативи тиҷоратии «Баракати Ватан»-и ш.Ҳисор дар солҳои 2019-2023, ҳаз. сомонӣ

Нишондиҳандаҳо	Солҳо					Ҷамъ дар 5 сол	2023/ 2019, %
	2019	2020	2021	2022	2023		
Фондҳои асосӣ	1876,9	1877,0	4091,7	3589,5	2036,5	13471,6	108,5
Ҳароҷотҳо	2541,0	2461,7	2183,7	2550,3	2036,5	11773,2	80,1
Аз он: истеҳлок	125,9	126,9	131,1	159,1	120,3	663,1	95,5
Ҳиссаи истеҳлок дар сохтори хароҷотҳои моддӣ, %	5,0	5,2	6,0	6,2	5,9	5,6	+0,9
Фоида	256,2	-254,8	-613,8	259,2	1456,1	1102,9	568,3
Қарзи бонк	-	-	-	-	-	-	-
Фонди рушди истеҳсолот	-	-	-	-	-	-	-
Ҳамагӣ, сармоягузорӣ.	125,9	126,9	131,1	159,1	120,3	663,1	95,5
Дараҷаи даромаднокии сармоягузорӣ, %	203,5	-200,8	-468,2	162,9	1210,4	166,3	81,7

Сарчашма: Ҳисоботҳои солонаи кооперативи тиҷоратии «Баракати Ватан»-и ш.Ҳисор. [15]

Дар давоми панҷ соли охир аз ҳисоби ин фонд 663,1 ҳаз. сомонӣ маблағ ҷамъ шудааст. Ҳиссаи фонди истеҳлок дар сохтори хароҷотҳои моддӣ ба 5,6% баробар буд.Барои рушди истеҳсолот аз ҳисоби фоида маблағ ҷудо карда нашудааст, зеро солҳои 2020 ва 2021 хоҷагӣ аз истеҳсолот зарар дида, маблағҳои худро барои ҷуброни зарар сарф намудааст.

Дар давоми панҷ сол 1102,9 ҳаз. сомонӣ фоида гирифтааст, ки асосан барои эҳтиёҷоти ҷорӣ сарф карда шудааст. Аз натиҷаҳои таҳлил бармеояд, ки хоҷагӣ дар ҳолати бади молиявӣ қарор дошта, имконияти рушд надорад. Дар ин давра хоҷагӣ барои гирифтани қарз муроҷиат накардааст, зеро арзиши қарз баланд буда, то 30 фоизи солона ташкил медиҳад. Дараҷаи даромаднокии соҳа нисбат ба соли 2019-ум 18,3% коҳиш ёфтааст.

Аз рақамҳои ҷадвал бармеояд, ки ба як сомонӣ сармоягузорӣ дар кооперативи тиҷоратии «Раҳмонҷон»- н.Данғара дар соли 2019 1,06 сомонӣ даромад гирифта шудааст.

Дар солҳои охир бозdeҳии сармоягузорӣ тамоюли коҳишёбӣ дошта, дар соли 2023 он ба 0,8 сомонӣ баробар шудааст.

Даромад аз 1 га замини кишт низ тамоюли пастравӣ дошта, дар соли 2023 нисбат ба соли 2019-ум 8,7% коҳиш ёфтааст. Сабаби асосии он коҳиш ёфтани ҳосилнокии зироат ба ҳисоб меравад. Ин маънои он дорад, ки ба 1 сомонӣ сармоягузорӣ 0,80 сомонӣ даромад ба даст оварда шудааст, ки оид ғайрисамаранок истифода бурдани сармоягузорӣ шаҳодат медиҳад.

Ҷадвали 12.- Сармоягузории кооперативи тиҷоратии «Раҳмонҷон»-и н.Данғара дар солҳои 2019-2023, ҳаз. сомонӣ.

№	Нишондиҳандаҳо	Воҳ. ченак	Солҳо					
			2019	2020	2021	2022	2023	2024
1	Майдони кишт	га	92	106	119	140	150	160
2	Ҳаҷми сармоягузорӣ	ҳаз. сомонӣ	1590,0	2200,0	2000,0	2950,0	3160,7	3371,4
3	Ҳосилнокӣ аз 1 гектар	сентнер	46	48	39	45	40	35
4	Ҳаҷми истеҳсоли маҳсулот	тонна	423,2	508,8	464,1	630	600	560
5	Ҳаҷми фурӯши маҳсулот	ҳаз. сомонӣ	1692,8	2289,6	2181,3	3087,0	2880,0	2688,0
6	Даромад аз фурӯш ба 1 сомонӣ сармоягузорӣ, сомонӣ	сомонӣ	1,06	1,04	1,09	1,05	0,91	0,80
7	Даромад аз фурӯш ба 1 га майдони кишт, сомонӣ	сомонӣ	18400,0	21600,0	18330,3	22050,0	19200,0	16800,0

Сарчашма: Ҳисоботҳои солонаи кооперативи тиҷоратии «Раҳмонҷон»- н.Данғара. [14]

Ҳамин тавр, таҳлили самаранокии иқтисодии сармоягузорӣ ба соҳаи кишоварзӣ нишон дод, ки соҳаи кишоварзии Тоҷикистон дар ҳолати бади молиявӣ қарор доранд, зеро 20% хоҷагиҳо зарароварбуда, ба 100 сомонӣ маҷмӯи маҳсулоти кишоварзӣ 4,9 сомонӣ уҳдадориҳои қарзӣ, 3,03 сомонӣ қарзҳои кредиторӣ ва 1,23 сомонӣ қарзҳои дебиторӣ рост меояд.

Самаранокии соҳаи кишоварзӣ ба 1 сомонӣ:

- хароҷотҳои буҷет ба соҳаи кишоварзӣ дар соли 2023 нисбат ба соли 2019-ум 34,5 сомонӣ, ё 61,5% ва нисбат ба нишондиҳандаи панҷ соли охир 40,7% коҳиш ёфтааст;

- қарзгузории бонкҳо ба соҳаи кишоварзӣ аз 299,6 сомонии соли 2019 то 23,1 сомонӣ дар соли 2023, ё 92,3 коҳиш ёфтааст;

- сармоягузориҳо дар соли 2023-юм 548,5 сомонӣ маҷмуи маҳсулоти кишоварзӣ истеҳсол карда шудааст, ки нисбат ба соли 2019-ум 70,9% кам аст. Бозdeҳии сармоягузориҳо тамоюли пастравӣ дошта, нисбат ба соли 2020-ум 7,2 баробар, нисбат ба соли 2021-ум 6,4 баробар ва нисбат ба соли 2022 –юм 0,9% кам шудааст.

Бозdeҳии пасти сармоягузориҳо ба он оварда расонид, ки уҳдадориҳои қарзии хоҷагиҳои кишоварзӣ бо суръат афзоиш намуда, дар соли 2023-юм ба 3071,8 млн. сомонӣ расидааст, ки нисбат ба соли 2019-ум 168,4% афзоиш ёфтааст. Қарздории хоҷагиҳои кишоварзӣ аз рӯйи уҳдадориҳо ба 100 сомонӣ маҷмуи маҳсулоти кишоварзӣ низ бемайлон

афзуда, ба 4,9 сомонӣ баробар шудааст, ки нисбат ба соли 2019-ум 96,0% зиёд аст. Қарзҳои кредитории соҳаи кишоварзӣ аз аз дигар сохторҳо ба 1908,3 млн. сомонӣ расидааст, ки нисбат ба соли 2019-ум 138,8% зиёд аст.

Қарзҳои кредитории соҳаи кишоварзӣ ба 100 сомонӣ маҷмуи маҳсулоти кишоварзӣ аз 1,73 сомонии соли 2019 то 3,03 сомонӣ дар соли 2023 афзоиш ёфтааст.

Дар панҷ соли охир ҶДММ «Латиф.Муродов» ба як сомонӣ сармоягузорӣ 0,37 сомонӣ фоида ба даст овардааст, ки дараҷаи даромаднокӣ ба 37,2% баробар буд.

Дар кооперативи тиҷоратии «Баракати Ватан»-и ш.Ҳисор дар панҷ соли охир сармоягузорӣ танҳо аз ҳисоби фонди истеҳлок ташаккул ёфтааст, ки он ҳам дар соли 2023 нисбат ба соли 2019-ум 4,5% коҳиш ёфтааст. Дараҷаи даромаднокии соҳа нисбат ба соли 2019-ум 18,3% коҳиш ёфтааст.

Дар кооперативи тиҷоратии «Раҳмонҷон»- н.Данғара. ба як сомонӣ сармоягузорӣ дар соли 2019 1,06 сомонӣ даромад гирифта шудааст. Дар солҳои охир боздеҳии сармоягузорӣ тамоюли коҳишёбӣ дошта, дар соли 2023 он ба 0,8 сомонӣ баробар шудааст. Даромад аз 1 га замини кишт низ тамоюли пастравӣ дошта, дар соли 2023 нисбат ба соли 2019-ум 8,7% коҳиш ёфтааст. Ин маънои он дорад, ки ба 1 сомонӣ сармоягузорӣ 0,80 сомонӣ даромад ба даст оварда шудааст, ки оид ғайрисамаранок истифода бурдани сармоягузорӣ шаҳодат медиҳад.

Дар боби 3 «**Самтҳои асосии фаъолгардонии сармоягузории соҳаи кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон**» беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ - самти асосии ҷалби сармоягузории соҳаи кишоварзӣ, такмили ташкили истеҳсолот, ҳамчун роҳи фаъолгардонии сармоягузории хоҷагиҳои кишоварзӣ ва ипотека, ҳамчун омили ҷалби захираҳои сармоягузорӣ ба соҳаи кишоварзӣ пешниҳод гардидааст.

Дар диссертатсия қайд шудааст, ки фазои сармоягузории Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар СМР-2030 паст баҳо дода, Тоҷикистонро дар ин раддабандӣ ҷойи 126-умро муносиб диданд.

Дар доираи таҳқиқоти диссертатсионӣ бо истифода аз усули оморӣ. 10 омили асосии ба ҷолибияти сармоягузорӣи соҳаи кишоварзӣ таъсиррасон муайян карда шуд. Аз 100 холи имконпазир фазои сармоягузории соҳаи кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2023-юм 36,8 хол муносиб дониста шуда, он дар соли 2025 то 36,9 хол боло рафта, дар соли 2030 то 35,8 хол коҳиш меёбад. Сабабҳои асосии коҳишёбӣ:

- сатҳи баланди андозбандии соҳаи кишоварзӣ;
- сатҳи пасти таъминот бо захираҳо ва афзоиши доимии нархи захираҳои дар истеҳсолоти соҳа истифодашаванда;

- афзоши доимии уҳдадориҳои қарзии хоҷагиҳои кишоварзӣ;
- сатҳии пасти истеҳсолоти маҳсулотҳои кишоварзӣ ва ғ.

Бо назардошти он ки дар сатҳи макроиқтисодӣ ба рушди соҳаи кишоварзӣ 10 омили асосӣ таъсир мерасонад ва таъсири ҳар кадоми онро бо 10 хол ба меъёр даровардем ва ҷамъи онҳо 100 холро ташкил дод. Мо омилҳои ба муҳити сармоягузорӣ таъсиррасонро ба 10 гурӯҳ тақсим намуда, миёнаи арифметикии ҳар як блок, маълум намуда зариби рушд маълум карда шудааст.

Дар ин асос дурнамои омилҳои ба сармоягузории соҳаи кишоварзӣ таъсиррасон муайян карда шудааст (ҷадвали 13)

Ҷадвали 13. -Дурнамои омилҳои ба сармоягузории соҳаи кишоварзӣ таъсиррасон.

Нишондиҳандаҳо	Меъёр, хол	2023, воқеӣ	Дурнамо	
			2025	2030
1. Вазъи сиёсии дохилӣ	10	10	10	10
2.Сатҳи ҳимояи ҳуқуқии сармоягузор	10	10	10	10
3. Низоми бақайдгирӣ	10	10	10	10
3. Дастгирии андозӣ	10	-1	-1	-1
5. Тахфифҳои гумрукӣ	10	1	1,2	1,5
6.Бо техника муҷаҳҳаз будани истеҳсолот	10	1	1,5	3.3
7.Таъминот (тухмӣ, сӯзишворӣ, нуриҳо ва захрхимикатҳо)	10	1	1,5	-2,0
8.Сармоягузорӣ аз ҳисоби буҷет	10	3,8	2,8	3,0
9. Қарзгузорӣ; - уҳдадориҳои қарзӣ	5 5	1 -1	1.2 -1,5	1,4 -2,3
10.Лизинги молиявӣ	10	1	1,2	1,5
Ҳамаи холҳо	100	36,8	36,9	35,8

Сарчашма: Баҳои муаллиф вобаста ба сатҳи рушди сармоягузорӣ ба соҳаи кишоварзӣ то соли 2030.

Ҳамин тавр, беҳтар намудани фазои сармоягузориро, самти асосии такмили сармоягузории соҳаи кишоварзӣ дониста чунин хулосабарорӣ намудан мумкин аст.

Ягон ҳуҷҷати меъёрию ҳуқуқии маҳдудкунандаи фаъолияти соҳибкорӣ мавҷуд нест, аз ин ҷо мо ба ин омил то соли 2030-юм 10 хол раво дидем. Дигар омили фазои сармоягузорӣ низоми бақайдгирӣ ба ҳисоб меравад, ки дар ин ҷода Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тамоми шароитҳоро муҳайё намудаанд, ки соҳибкори кишоварзӣ дар як муддати кутоҳ метавонад хоҷагии худро ба қайди давлатӣ гирад ва бо назардошти ин то соли 2030 монеае дар назар дошта нашуда, аз ин ҷо ба он 10 хол

гузошта шудааст. Омилҳои дигар ба дурнамои нишондиҳандаҳои сармоягузорӣ вобаста аст, ки динамикаи тағйирёбии он дар ҷадвали 20 оварда шуда бо истифода аз методи таҳлилию оморӣ ҳисоб карда шудаанд. Дар диссертатсия, самти дигар, такмили ташкили истеҳсолот, чун роҳи баланд бардоштани самаранокии сармоягузории хоҷагиҳои кишоварзӣ дониста шудааст.

Дар шароити майдамолии шаклҳои хоҷагидорӣ ташкили фонди рушди истеҳсолот ва фонди истеҳлок ғайриимкон аст, зеро 25%-и фоидаи хоҷагӣ, ки бояд ба фонди рушди истеҳсолот сафарбар гардад, ночиз аст. Бинобар он ки аксари хоҷагиҳои инфиродии деҳқонӣ соҳиби фондҳои асосӣ нестанд, наметавонанд бо ҳиссаҷудокунӣ фонди истеҳлок ташкил намоянд. Аз ин ҷо ҷустуҷӯйи роҳҳои дигари ташкили истеҳсолот ба миён омадааст, ки тавонад фоидаи бештар ба даст оварда, фонди рушди истеҳсолот ва ҳиссаҷудокунӣ ба фонди истеҳлокро таъмин намояд. Роҳи ҳалли ин муаммо иҷрои Консепсияи кластерикунонии соҳаи кишоварзӣ то соли 2040 ба ҳисоб меравад.

Ташкили агрокластерҳо ба он равона карда шудааст, ки тамоми ташкилотҳои ба кластер воридшуда дар як низом фаъолият намуда, барои баланд бардоштани и фаъолият нигаронида шуда, ба ин мақсад дар қатори сафарбар намудани сарчашмаҳои худии иштирокчиён сармояи қарзиро низ ҷалб менамоянд. Хоҷагиҳои кишоварзӣ дар алоҳидагӣ ба қарзҳои дарозмуддати бонкӣ умед баста наметавонанд, зеро ҷолибияти сармоягузории онҳо паст буда, такилотҳои молиявӣ барои ба онҳо додани қарз ҳавасманд нестанд. Азбаски кластер як ташкилоти нави инноватсионӣ мебошад, бинобар ин ташкилотҳои молиявӣ бе ягон хавф фаъолияти онҳоро сармоягузорӣ менамоянд.

Дар мисоли модели ташкили кластери сабзавот ва агрокластери гӯшти гӯсфанд самаранокии ташкили чунин кластерҳо исбот гардида, истифодаи он дар истеҳсолот тавсия дода шудааст.

Олими ҷавон, Раҳмонзода Д.Р. исбот намудааст, ки «дар сурати ташкили кластер дар соли 2025 метавонад дараҷаи даромаднокии хоҷагиҳои пахтакорро то 6,8 фоиз, заводҳои пахтатозакуниро то 11,1 ва корхонаҳои коркарди нахи пахтаро то 16,3 фоиз расонад. Дар соли 2030 ин нишондиҳанда метавонад мутаносибан ба 20,7; 20,2 ва 24,5 фоиз расонад.

Дар умум, самаранокии истеҳсоли пахтаи хом барои истеҳсолкунандагони кишоварзӣ, заводҳои пахтатозакунӣ, заводҳои коркарди саноатии маҳсулоти тайёр афзуда, буҷети давлат низ ғанӣ гардонида мешавад». [27]

Бо назардошти ин барои баланд бардоштани сармоягузории соҳаи кишоварзӣ мо ташкили кластерҳои агросаноатии сабзавотро, чун

маҳсулоти ба бозорнигаронидашуда тавсия дода, онро дар мисоли ташкили чунин кластерҳо дар минтақаҳои кишвар исбот менамоем, зеро ҳамасола зиёда аз 3 млн. тонна сабзавот аз тавозуни истеъмол зиёдатӣ мемонад ва аз он хоҷагиҳои кишоварзӣ зарари иқтисодӣ мебинанд.

Бо истифода аз усулҳои оморӣ дурнамои истеҳсол, коркарди саноатии сабзавотро (дар мисоли бодиринг) то солҳои 2030 ҳисоб намуда, исбот менамоем, ки самараконии маҳсулотҳои бодиринг ҳангоми ташкили кластер барои истеҳсолкунандагон ва давлат баланд аст (ҷадвали 14).

Ҷадвали 14. -Дурнамои ташкили кластерҳои сабзавот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2025-2030

№	Нишондиҳандаҳо	Хоҷагиҳои кишоварзӣ			Комбинати коркарди саноатӣ		
		Солҳо					
		2023	2025	2030	2023	2025	2030
1.	Даромад аз фурӯши 1.т бодиринг, сомонӣ	7000	9000	10000	-	-	-
2.	Даромад аз ҳисоби коркарди саноатӣ	Х	х	х	313500	344850	413820
2	Арзиши аслии 1 т бодиринг, консерваи бодиринг, сомонӣ	4858	5743	6317	159772	175749	193324
3.	Андоз (андози иҷтимоӣ ва замин), сомонӣ	1410	1551	1706	23059	25365	30438
4.	Ҷамъи хароҷотҳо, сомонӣ	6268	7294	8023	182831	201114	223762
5.	Фоида аз истеҳсол ва коркарди 1 т бодиринг	732	1706	1977	130669	143736	182382
6.	Сатҳи даромаднокӣ, %	11,7	23,3	24,6	71,5	71,5	81,5

Сарчашма: Ҳисобҳои муаллиф бо истифода аз маълумотҳои хоҷагиҳои кишоварзӣ ва комбинатҳои коркарди саноатӣ.

Ҳамин тариқ, тибқи маълумоти соли 2023 даромад аз фурӯши 1 тонна бодиринг 7000 сомониро ташкил намуд, ки аксари хоҷагиҳои кишоварзӣ аз истеҳсоли он фоидаи иқтисодӣ гирифтанд.

Арзиши аслии 1 т бодиринг бо назардошти андози замин ва андози иҷтимоӣ 6268 сомониро ташкил намуд ва хоҷагиҳо аз истеҳсоли 1 т бодиринг 732 сомонӣ фоидаи иқтисодӣ гирифтанд. Бо ин сабабҳо майдони кишти бодиринг дар соли 2023 нисбат ба соли 2022-ум афзоиш ёфт.

Комбинатҳои коркарди саноатӣ аз коркарди 1 т бодиринг 313500 сомонӣ даромад гирифтаанд. Фоидаи софи корхонаҳои коркарди саноатӣ ба 130669 сомонӣ баробар буда, дараҷаи даромаднокӣ 71,5 фоизро ташкил дод.

Ҳамин тавр, дар соли 2023 хоҷагиҳои кишоварзӣ ва комбинатҳои коркарди саноатии он фоида ба даст оварданд.

Ин ҳолат метавонад деҳқон ва комбинатҳои коркарди саноатиро ҳавасманд намояд, ки истеҳсоли онро баланд бардоранд. Чуноне ки

дурнамои ҳисобнамудаи мо дар ҷадвали 3.2.1 овардашуда нишон медиҳад, дар сурати ташкили кластер дар соли 2025 метавонад дараҷаи даромаднокии истеҳсоли бодирингро то 23,3 фоиз, комбинатҳои коркарди саноатиро то 71,5 фоиз расонад. Дар соли 2030 ин нишондиҳанда метавонад мутаносибан ба 24,6 ва 81,5 фоиз расонад.

Амсилаи ташкили кластери сабзавотро чунин тасвир намудан мумкин аст (расми 2).



Расми 2. -Шакли намунавии ташкили кластер дар мисоли кластери соҳаи сабзавот ва коркарди саноатии он. Сарчашма: Таҳия ва пешниҳоди муаллиф.

Дар умум, истеҳсоли бодиринг барои истеҳсолкунандагони кишоварзӣ, комбинатҳои коркарди саноатӣ афзуда, буҷети давлат низ ғанӣ гардонида мешавад. Бо истифода аз усулҳои оморӣ дурнамои истеҳсоли бодиринг ва маҳсулоти коркади саноатӣ дар давраи то соли 2030 муайян намудем (ҷадвали 15).

Ҷадвали 15.- Дурнамои истеҳсоли бодиринг ва консерваи он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2024-2030, ҳаз.т.

Нишондиҳандаҳо	**Солҳо**						
	2024	**2025**	**2026**	**2027**	**2028**	**2029**	**2030**
Бодиринг	418,5	493,4	589,6	615,6	645,7	724,5	810,0
Консерва аз Бодиринг	633,3	670,7	718,3	772,9	836,3	968,2	1038,9

Сарчашма: Ҳисобҳои муаллиф бо истифода аз Дурнамои нишондиҳандаҳои асосии макроиқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2024-2026. Замимаи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон №308 аз 30 июни соли 2023. Бо усули оморӣ ҳисоб карда шудааст.

Нишондиҳандаҳои дурнамои истеҳсоли бодиринг ва консерва аз он барои солҳои 2024-2030 бо истифода аз усули оморӣ ҳисоб карда шудааст.

Аз дурнамо бармеояд, ки соли 2030 дар кишвар 810 ҳаз.т бодиринг истеҳсол карда мешавад, ки нисбат ба соли 2024-ум 1,9 баробар зиёд аст.

Аз ин миқдор истеҳсоли 1038,9 ҳаз. тонна консерва истеҳсоли намудан мумкин аст. Солҳои охир доир ба кластерҳои аграрӣ рисолаҳои зиёди илмӣ навишта шуда, самранокии он дар мисоли ташкили кластерҳои алоҳида исбот гардидаанд. Масалан, самаранокии ташкили “Агрокластери гӯшти гӯсфанд”-ро Ашуров И.С. ва Расулова Д.Б. дар монографияи илмии худ «Такмили асосҳои ташкилӣ-иқтисодии гӯсфандпарварӣ дар Тоҷикистон” исбот намудааст.

Тибқи ҳисобҳои онҳо, ташкили як агрокластери гӯшт метавонад даромади солонаро ба 63,15 млн сомонӣ расонад ва 2580 нафар захираҳои меҳнатиро бо ҷойи кор таъмин намояд. Аз ҳисоби ташкили агрокластери гӯшт ба буҷети ноҳия метавон 2491 ҳаз сомонӣ андоз супорида, дараҷаи даромаднокии соҳаро дар маҷмуъ ба 25,9 % расонид (ҷадвали 16).

Ҷадвали 16. -Самаранокии иқтисодии фаъолияти «Агрокластери гӯшти гӯсфанд»

Нишондиҳандаҳо	Шумораи коргарон, нафар	Ҳаҷми истеҳсол, т	Даромад аз фурӯш, млн. сомонӣ	Хароҷот барои истеҳсол, млн сомонӣ	Фоида, млн. сомонӣ	Сатҳи даромад-нокӣ, %	Ҳосилнокии меҳнат, одам/соат, сомонӣ	Даромад ба буҷет, млн сомонӣ
Истеҳсоли гӯшти гӯсфанд ва буз								
Ҳамагӣ	2500	500	15,0	12,0	3,0	25,0	2,05	-
Сехи коркарди гӯшт ва каллапоча								
Истеҳсоли гӯшт	20	300,0	18,0	14,0	4,0	28,6	354,9	1,0
Коркарди каллапоча	10	175,0	3,0	2,4	0,6	25,0	118,3	0,150
Сехи коркарди пашм								
Пашм	10	25,0	0,75	0,6	0,15	25,0	29,6	0,031
Фабрикаҳои калобаресӣ								
Калоба, млн.м	10	250,0	2,5	2,0	0,5	25,0	98,6	0,125
Сехи бофандагӣ								
Ҷӯробҳои пашмӣ, ҳаз.ҷ.	10	10,0	0,5	0,4	0,1	25,0	19,7	0,025
Колинҳои пашмӣ д.	10	600	0,90	0,76	0,14	18,4	35,5	0,035
Сехи истеҳсоли ҳасиб								
Ҳасиб	10	375	22,5	18,0	4,5	25,0	887,2	1,125
Ҳамагӣ	2580	Х	63,15	50,16	12,99	25,9	276,7	2,491

Сарчашма: Ашуров И.С., Расулова Д.Б. Такмили асосҳои ташкилӣ-иқтисодии гӯсфандпарварӣ дар Тоҷикистон. Монографияи илмӣ. –Душанбе. ҶДММ “Балоғат.” - С. 78. [24]

Дар сурати ташкили чунин кластер фоидаи он дар як сол ба 12990,0 ҳаз сомонӣ хоҳад расид, ки аз дар сурати 25%-и онро, ки 3247,5 ҳаз. сомониро ташкил медиҳад барои фонди рушди истеҳсолот равона кардан, метавон сатҳи бо техника ва технологияи нав муҷаҳҳазгардонии корхонаро баланд бардошт.

Ба ғайр аз ин, аз ҳисоби ҳиссаҷудокунии меъёри истеҳлок фонди истеҳлок ташаккул меёбад, ки он низ сарчашмаи сармоягузории кластер мегардад.

Иштироки чанд сармоягузор на танҳо имконияти маблағгузориро фароҳам меорад, балки сафи синфи коргар, даромади буҷетро афзуда ҳалли масъалаҳои иҷтимоиро таъмин менамояд.

Дар шароити нарасидани сармоя барои рушди соҳаи кишоварзӣ зарурати ҷустуҷӯйи сарчашмаҳои дигари сармоягузорӣ ба миён омадааст.

Яке аз роҳҳои ҳалли он мутамарказ намудани маблағҳои муваққатан озоди хоҷагиҳои кишоварзӣ, буҷети давлатӣ ва маҳаллӣ, хоҷагиҳои аҳолӣ, грантҳо ва дигар сармояҳо ба ҳисоб меравад, ки тавонад хоҷагиҳои кишоварзиро дар сатҳи маҳал бо сармоя таъмин намояд.

Ба назари мо, шакли беҳтарини мутамарказ намудани сарчашмаҳои сармоягузорӣ ташкили кооперативи сармоягузории деҳот ба ҳисоб меравад, ки амсилаи намунавии он дар намуди расм чунин тасвир намудан мумкин аст (расми 3).



Расми 3.- Амсилаи намунавии ташкили кооперативи сармоягузории деҳот. Сарчашма: Таҳия ва пешниҳоди муаллиф.

Мақсад аз ташкили кооперативи сармоягузории деҳот мутамарказ намудани маблағҳои аъзоёни кооператив ва истфодаи он барои рушди истеҳсолот ва ҳалли масъалаҳои иқтисодӣ-иҷтимоӣ дар деҳот мебошад.

Бинобар маҳдуд будани имкониятҳои хоҷагиҳои инфиродии деҳқонӣ (фермерӣ), кооперативҳои тиҷоратӣ, хоҷагиҳои аҳолии деҳот ташкили чунин кооперативҳо метавонад, аз як тараф маблағҳои муваққатан озоди аъзоёни кооперативро дар як марказ ҷамъ намуда, барои рушди хоҷагиҳои кишоварзӣ ва хоҷагиҳои аҳолӣ сафарбар карда шавад.

Кооператив тибқи низомнома амал менамояд, ки он дар маҷлиси аъзоёни кооператив тасдиқ карда мешавад. Фаъолияти кооперативро дар давоми сол директори кооператив идора менамояд, ки дар маҷлиси умумии аъзоёни кооператив интихоб мешавад ва барои фаъолияти кооператив масъул мебошад.

Директор доир ба фаъолияти молиявияш ҳар семоҳа ба раёсати Кооператив ҳисобот медиҳад. Маҷлиси кооператив дар охири ҳар сол фаъолияти онро ҷамъбаст намуда, ҳисоботи раёсатро мешунавад ва тасдиқ менамояд ва вазифаҳоро барои соли навбатӣ муайян менамояд. Маслиси умумӣ буҷети кооперативро баррасӣ ва тасдиқ менамояд.

Штати кории кооператив аз ду нафар (директор ва муҳосиб) иборат буда, маоши онҳоро маҷлиси умумии аъзоёни кооператив муайян менамояд.

Маблағҳои кооператив тибқи аризаи хаттии аъзоёни кооператив дар намуди қарз дода шуда, фоизи қарз на зиёда аз 10 фоизи солона ташкил намуда, даромад барои нигоҳ доштани хароҷотҳои кооператив ва аъзоҳаққии аъзоён вобаста ба ҳиссаашон дар маҷлиси умумии аъзоён тақсим карда мешавад.

Фаъолияти молиявии коопертивро комиссияи назоратӣ, ки маҷлиси умумии аъзоёни кооператив интихоб менамояд, назорат ва дар маҷлиси ҷамъбастии солона ҳисобот медиҳад.

Маблағи қарз то се сол истифода шуда, фоизи қарз дар давоми сол баргардонида мешавад. Ҳар як узви кооператив бо навбат метавонад аз маблағҳои кооператив қарз гирад. Ба шахси қарздор қарзи иловагӣ дода намешавад, то даврае ки қарзи пешинаашро нагардонад. Масъалаҳои баҳсиро раёсати кооператив ҳал менамояд.

Дар диссертатсия омадааст, ки ипотека, яке аз самтҳои ҷалби захираҳои сармоягузорӣ ба соҳаи кишоварзӣ ба ҳисоб меравад, вале он дар амалия истифода намешавад.

Дар ҷаҳон ду амсилаи қарзгузории ипотекӣ, яке модели америкоӣ ва дигаре олмонӣ амал менамояд, ки дорои хусусиятҳои хос мебошанд.

Ҳусусияти фарқкунандаи амсилаи олмонии қарзгузории ипотекӣ, дар он таҷассум меёбад, ки низоми бонкии олмон сатҳи баланди капитализатсия дорад, ки метавонад сармоягузории фаъолияти субъектҳои хоҷагидориро таъмин намояд.

Амсилаи америкоӣ аз ду бозор, бозори қарзҳои ипотекӣ ва бозори ипотекии қоғазҳои қиматнок иборат аст.

Дар доираи ин амсила, маблағҳо барои қарзгузории ипотекӣ аз бозори фондҳо тавассути ба онҳо гузоштани ҳуқуқи гирифтани қарзи ипотекӣ вогузошта мешавад.

Мутаассифона, на амсилаи олмонӣ ва на амсилаи амрикоии карзгузории ипотекӣ барои Ҷумҳурии Тоҷикистон қобили қабул нест, зеро сатҳи капитализатсияи бонкҳои Тоҷикистон начандон зиёд аст, ки тавонад талабот ба қарзҳои ипотекиро таъмин намояд ва бозори қарзҳои ипотекию бозори ипотекии қоғазҳои қиматнок ташкил наёфтааст.

Бинобар ин Тоҷикистонро зарурати таҳияи амсилаи тоҷикии қарзҳои ипотекӣ барои рушди соҳаи кишоварзӣ ба миён омадааст. Дар диссертатсия лоиҳаи амсилаи қарзҳои ипотекӣ барои соҳаи кишоварзӣ пешниҳод карда шудааст.

Бояд дар назар дошт, ки амсилаи пешниҳоднамуда дар пояи шарикии буҷети давлатӣ ва бонкҳои тиҷоратӣ амалӣ карда мешавад. Барои амалӣ намудани амсилаи мазкур зарурати ташкили

Бонки давлатии замин зарур аст, зеро дар ин бонк фонди қарзии ипотекӣ аз ҳисоби буҷети давлатӣ ва бонкҳои тиҷоратӣ, ки ба соҳаи кишоварзӣ маблағгузорӣ менамоянд ташкил карда мешавад (ҷадвали 17).

Ҷадвали 17. -Сарчашмаҳои ташкили фонди қарзгузории ипотекии соҳаи кишоварзӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон то давраи соли 2030, млн. сомонӣ.

Нишондиҳандаҳо	**Солҳо**							
	2023	**2024**	**2025**	**2026**	**2027**	**2028**	**2029**	**2030**
Маблағгузории соҳаи кишоварзӣ аз ҳисоби буҷет	1635,0	1424,8	1871,8	2399,6	3169,9	4044,8	4906,3	6285,0
Қарзгузории бонкҳо	2734,4	2980,5	3114,6	3301,5	3460,0	3660,7	3847,4	4047,5
Ҳамагӣ	4369,4	4405,3	4986,4	5701,1	6629,9	7705,5	8753,7	10332,5

Сарчашма: Ҳисоби муаллиф бо истифода аз методологияи оморӣ.

Чуноне ки аз рақамҳои ҷадвали 17 бармеояд, соли 2023 аз ҳисоби буҷет ва бонкҳо ба соҳаи кишоварзӣ 4369,4 млн. сомонӣ сармоягузорӣ карда шуда буд. Дар соли 2024 он ба 4405,3 млн. сомонӣ расид ва то соли 2030 он ба 10332,5 млн. сомонӣ расонида мешавад. Дар баробари ин маблағҳо, давлат метавонад тибқи шартнома маблағҳои дигар сохторҳо: маблағҳои озоди фонди ҳифзи иҷтимоӣ, грантҳои ташкилотҳои молиявӣ, низоми суғурта ва дигар сарчашмаҳоро мутамарказ гардонад.

Маҳз ҳамин маблағҳо метавонад фонди қарзҳои ипотекӣ барои рушди соҳаи кишоварзӣ гардад. Шарти зарурӣ он аст, ки қарзҳои ипотекӣ танҳо барои рушди соҳаи кишоварзӣ дода мешавад. Барои гирифтани қарз,

хоҷагиҳои кишоварзӣ ба бонк лоиҳаи сармоягузорӣ пешниҳод менамоянд. Дар лоиҳа мақсади гирифтани қарз, муҳлати баргардонидан, гарав, фоизи солонаи қарз нишон дода шуда, и иқтисодии лоиҳа нишон дода мешавад. Қарзҳо метавонанд кутоҳмуддат ва дарозмуддат бошанд.

Ба лоиҳаҳое ки маҳсулоти он дар бозори ҷаҳонӣ рақобатпазир аст, бартарӣ дода мешавад. Ин қарзҳо барои истеҳсоли маҳсулотҳои рақобатпазир, харидани техника ва таҷҳизот, тухмӣ, бунёди боғ ва фермаҳои чорводорӣ, сохтмони гармхонаю сардхонаҳо ва корхонаҳои коркарди саноатии маҳсулотҳои кишоварзӣ дода мешаванд. Бонки давлатии замин, ба ғайр аз ин шартномаҳои хариду фурӯши заминро аз номи давлат амалӣ менамояд.

Нархи як гектар замин вобаста ба минтақаҳо ва кадастри замин аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда мешавад. Бонки давлатии замин, оид ба натиҷаи фаъолияти худ ҳар сол ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳисобот медиҳад.

Яке аз масъалаҳои муҳимми қарзҳои ипотекӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон механизми ба гарав мондани замин ва ҳуқуқи истифодаи он ба ҳисоб меравад, зеро механизми мавҷудаи ба гарав мондани ҳуқуқи истифодаи замин дар амалия истифода карда намешавад. Бонкҳо сертификати истифодаи заминро чун моликият ба эътибор намегиранд, зеро арзиши замин муайян карда нашудааст.

Дар кишвар механизми баҳои кадастрии замин амал менамояд ва тибқи он вобаста ба мавқеи географӣ, ҳолати биологӣ ва хок, қобилияти ҳосилхезии хок, миқдори гумус дар таркиби хок, рентаи замин ба як гектар ва дигар нишондиҳандаҳо баҳо дода мешавад.

Дар ҷадвали 18 гурӯҳбандии бонитети хок ва арзиши заминҳои корам ва дарахтони бисёрсолаи минтақаи Ҳисор оварда шудаанд.

Ҷадвали 18. -Гурӯҳбандии бонитети хок ва арзиши заминҳои корам ва дарахтони бисёрсолаи минтақаи Ҳисор

Ноҳияҳо	Балли бонитет	Заминҳои корам		Дарахтони бисёрсола	
		Обӣ	лалмӣ	обӣ	лалмӣ
Ҳисор	63.	264982	64245	1334615	192495
Шаҳринав	62	261646	62454	1115931	184904
Турсунзода	73	298012	65917	1351340	328600
Файзобод	55	238432	70385	796332	358918

Манбаъ: Ҳисоботи Кумитаи давлатии идораи замин ва геодезияи Ҷумҳурии Тоҷикистон.[13]

Чуноне ки аз нишондиҳандаҳои ҷадвал бармеояд, баҳои бонитети хок дар минтақаи Ҳисор ба ноҳияи Турсунзода 73 балл, Ҳисор- 63 балл, Шаҳринав -62 балл ва Файзобод – 55 балл-ро ташкил менамояд. Нархи замин бо назардошти бонитети хок, даромади фоиданокии тафриқавӣ бо

назардошти ҳосилхезии замин, фоиданокӣ бо назардошти масофа ҳисоб карда шудааст.

Ба назари мо, деҳқон ягона боигарие, ки дорад қитъаи замини Ӯ ба ҳисоб меравад. Аз ин ҷо, нархи қитъаи заминҳои корами обӣ ва лалмӣ, дарахтони бисёрсола вобаста ба мавқеи ҷойгиршавиашон мувофиқат мекунад.

Дигар категорияҳои заминҳо (чарогоҳҳо, заминҳои алафдарав) низ алоҳида бо назардошти бонитети хоки он ва масофаи ҷойгиршавиашон нархгузорӣ карда мешаванд. Чунин нархҳои баланд дар он асос пешниҳод карда шудааст, ки аз як тараф деҳқон тавонад онро ба гарав монда, пули ба Ӯ заруриро аз банк гирифта тавонад, аз тарафи дигар деҳқонро водор менамояд, ки пеш аз бастани шартнома фикр намояд, ки маблағи гирифтаашро самаранок истифода барад ва дар дигар ҳолат аз қитъаи замини худ бенасиб мемонад ва дар оянда онро харида наметавонад.

Андозаи андози замин, ки ҳоло дар ин ноҳияҳо пардохт мешавад хеле ночиз аст ва наметавонад ҳавасмандии самаранок истифодабрии заминро таъмин намояд. Дар ҳолати баланд намудани он, аз як тараф ба буҷет бештар маблағ ворид мегардад, аз тарафи дигар заминдорро маҷбур менамояд, ки заминро самаранок истифода барад.

Бояд ба назар гирифт, ки ҳамасола дар мавсими ҷамъоварии ҳосил деҳқонон маҳсулотҳои истеҳсолкардаи худро аз тарси он ки дар мавсими сармо ҳосили зироатҳоро аз даст надиҳанд, онҳоро бо нархҳои паст ба фурӯш мебароранд ва аз ин амал зарари иқтисодӣ мебинанд. Хусусан, меҳнаткашони хоҷагиҳои ангурпарвари шаҳрҳои Хисор, Турсунзода ва Шаҳринав, ки асосан ба ангурпарварӣ машғуланд.

Хусусан, соли 2024 бисёре аз ҳосили ангури хоҷагиҳои ин шаҳру ноҳияҳо бинобар бармаҳал омадани мавсими сармо талаф ёфта, хоҷагиҳо аз он зарари иқтисодӣ диданд. Хоҷагиҳои ангурпарварро зарур аст, ки барои нигоҳ доштани маҳсулоти худ аз усулҳои маъмулии дар таҳхонаҳо нигоҳ доштани ангурро истифода баранд, ки дар аксар мавридҳо қисми зиёди ҳосил талаф меёбад.

Аз ин ҷо барои деҳқонон бунёди сардхонаҳои калонҳаҷм зарур аст, вале бо сабаби набудани сарчашмаҳои сармоягузорӣ онҳо онро сохта наметавонанд. Дар ҳолати дастрас будани қарзҳои ипотекӣ имконияти сохтани чунин сардхонаҳо пайдо мешавад. Хусусан барои хоҷагиҳои шаҳрҳои Турсунзода, Ҳисор ва ноҳияи Шаҳринав сохтмони чунин сардхонаҳо амри зарурист.

Мо дар доираи таҳқиқоти диссертасионии худ ҳолаи муосири нишондиҳандаҳои иқтисодии хоҷагиҳои ангурпарварии шаҳри Ҳисорро мавриди таҳқиқот қарор дода, самаранокии истеҳсоли ангурро муайян

намуда, зарурати сохмони сардхонаҳо барои нигоҳдории ангурро самаранок шуморидем (ҷадвали 19).

Ҷадвали 19. -Нишондиҳандаҳои иқтисодии истеҳсоли ангур дар хоҷагиҳои ангурпарвории шаҳри Ҳисор дар солҳои 2020-2024.

Нишондиҳандаҳо	Солҳо					Ҳамагӣ дар 5 сол
	2020	2021	2022	2023	2024	
Майдони токзорҳо,га	4582	4552	4596	4681	4758	23169
Миқдори ангури истеҳсолшуда, ҳаз.т	27,9	33,6	35,1	20,3	27,3	144,2
Миқдори ангури фурӯхташуда, т	19,5	23,5	24,6	14,2	19,1	100,9
Захира барои истеъмоли шахсӣ, т	2,8	3,4	3,5	2,1	2,7	14,5
Талафот, т	5,6	6,7	7,0	4,0	5,5	28,8
Нархи миёнаи бозор, т/сомонӣ	3600,0	4200,0	4500,0	4900,0	3000,0	4040,0
Хароҷот барои истеҳсоли 1 т ангур, сомонӣ	3200,0	3700,0	3800,0	4200,0	4300,0	3840,0
Даромад аз фурӯш, млн. сомонӣ	70,2	98,7	110,7	69,6	57,3	406,5
Даромад аз ҳисоби захира, млн сомонӣ	10,1	14,3	13,3	10,3	11,6	59,6
Даромад, ҳамагӣ	80,3	113,0	124,0	79,9	68,9	466,1
Хароҷот барои истеҳсол, млн сомонӣ	89,3	124,3	133,4	126,0	117,4	590,4
Фоида (+),зарар, (-)	-9,0	-11,3	-9,4	-46,1	-48,5	-124,3
Зарар аз ҳисоби талафот млн. сомонӣ	20,2	28,1	31,5	19,6	8,1	107,5

Манбаъ: Таҳқиқоти муаллиф дар асоси: Кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Мачмӯаи оморӣ. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. 2024. –С.180. [4]

Рақамҳо аз он гувоҳӣ медиҳанд, соҳаи ангурпарварӣ дар шаҳри Ҳисор рӯ ба афзоиш дошта, дар 5 соли охир майдонҳо токзор 176 га зиёд шудааст. Истеҳсоли ангур бошад дар натиҷаи хунукиҳои соли 2023 нисбат ба соли 2020-ум 7,6 ҳазор тонна коҳиш ёфта, соли 2024 нисбат ба соли 2023-юм 7,0 ҳаз. тона. афзоиш ёфтааст.

Бунёди токзорҳо ва истеҳсоли ангур дар дурнамо боз меафзояд, зеро мақеи географӣ ва иқлим барои бунёди токзорҳо мувофиқ аст. Дар панҷ соли охир як тонна ангур ба ҳисоби миёна 3840 сомонӣ фурӯхта шудааст. Агар даромад ва хароҷоти ангури фурӯхташударо ба назар гирем, хоҷагиҳои ангурпарвар аз 1 тонна ангур ба ҳисоби миёна дар панҷ сол 200 сомонӣ фоида гирифтаанд, ки дараҷаи даромаднокиашон 5,2%-ро ташкил медиҳад.

Таҳлил собит намуд, ки дар панҷ соли охир дар натиҷаи таъсири омилҳои гуногун хоҷагиҳои ангурпарварии шаҳри Ҳисор 28,8 ҳаз. тонна

ангурро талаф додаанд, ки зарари он ба 107,5 млн. сомонӣ баробар аст. Яке аз роҳҳои асосии пешгирии талафоти ангур ва баланд бардоштани самаранокии он бунёди сардхонаҳо барои нигоҳдории он ба ҳисоб меравад.

Бинобар сабаби он ки хоҷагиҳои ангурпарвар барои бунёди сардхонаҳо маблағҳои кофӣ надоранд, бинобар ин истифодаи қарзҳои ипотекӣ метавонад дар ҳалли масъала мададгор бошад.

Ҷадвали 20. –Самаранокии иқтисодии сардхона барои нигоҳ доштани 1000 тонна ангур

Нишондиҳандаҳо	**Хароҷотҳо, ҳаз сомонӣ**	
	Ҳамагӣ	1 т. ангур
Хароҷотҳои хоҷагӣ:	5072,0	5,05
Аз ҷумла:		
Хариди ангур	5000,0	5,0
Хароҷоти маъмурӣ (директор, муҳосиб, посбон)	72,0	0,072
Хароҷоти сардхона:	1575,0	1,575
Аз ҷумла:		
Бунёди сардхона	1500,0	1,5
Хароҷотҳои ҷорӣ (неруи барқ, қуттӣ, боркашонӣ)	75,0	0,075
Ҳамаи хароҷотҳо	6647,0	6,647
Даромад аз фурӯши ангур бо нархи миёнаи 10,0 ҳаз. сомонӣ/тонна	10000,0	10,0
Фоидаи хоҷагӣ	3353,0	3,353
Пардохти фоизи бонк, 10%	335,3	х
Даромади софи хоҷагӣ, млн сомонӣ	3017,7	х
Дараҷаи даромаднокӣ, %	45,3	х

Манбаъ: Ҳисобҳои муаллиф.

Аз натиҷаи таҳқиқот бармеояд, ки дар ҳолати бунёди сардхона хоҷагӣ аз деҳқонон ангурро бо нархи 5 ҳаз. сомонӣ/т харида онро то фасли зимистон нигоҳ дошта, бо нархи 10 ҳаз. сомонӣ/т мефурӯшад. Дар ин ҳолат деҳқонон ҳавасманд мешаванд, ки ангурро ба хоҷагӣ фурӯхта фоида гиранд, зеро нархи миёнаи фурӯхтаи онҳо дар панҷ соли охир ба 4040 сомонӣ/т баробар буд ва талафоти он 20,0%-ро ташкил медод. Дар ҳолати ба хоҷагӣ фурӯхтани он аз ҳисоби нарх 960 сомонӣ/т ва аз ҳисоби аз байн бурдани талафот 1000 сомонӣ/т даромади иловагӣ ба даст меоранд. Дараҷаи даромаднокии деҳқонон ба 30,2% (1160:3840) мерасад (ҷадвали 20).

Ҳамин тавр, қарзҳои ипотекиро, ҳамчун сарчашмаи ҷалби захираҳои сармоягузорӣ ба соҳаи кишоварзӣ таҳқиқ намуда, муайян карда шуд, ки дар ҳолати ташкили бозори замин, деҳқон метавонад қитъаи замини худро, ки арзиши он бо назардошти қобилияти ҳосилхезии он муайян карда шудааст, барои гирифтани қарзи ипотекӣ ба гарав монад.

Хулоса

Натиҷаҳои асосии илмии диссертатсия

1.Таҳқиқи мактаби классикони англис, марксистон, асарҳои назариявии олимони соҳаи иқтисоди хориҷӣ ва муосир собит намуд, ки нуқтаи назари ягона доир ба мафҳуми ибораҳои «сармоя», «сармоягузорӣ» ва «сармоягузории кишоварзӣ» мавҷуд нест. Нобиғаҳои классикони англис сармояро «меҳнати андӯхташудаи коргарон», марксистон «маблағҳои муайяни пулӣ ва молҳои тайёр», мактаби неоклассикӣ «кулли неъматҳои моддӣ, дороиҳои ғайримоддӣ ва донишу маҳорати инсонӣ» ва ғ. маънидод намудаанд.

Доир ба ибораи «сармоягузорӣ» низ фаҳмишҳои зиёди ҳамдигарро пурракунанда зиёд аст. Дар ҳамаи луғатҳои иқтисодӣ ибораи «сармоягузорӣ, чун «мепӯшонам», «ворезӣ менамоям», «мегузорам», дар адабиётҳои илмӣ «татбиққунандаи захираҳои молиявӣ дар шакли маблағгузориҳои дарозмуддат», «маблағгузории дорои хусусияти дарозмуддат», «хароҷоти зинда ва дар ашё таҷассумёфтаи меҳнат», «хароҷот барои такрористеҳсолии фондҳои асосӣ, баландшавӣ ва такмилдиҳии онҳо», «афзоиши ҷории арзишҳои сармоявии молу мулк», «гузоштани сарватҳои моддию ғайримоддии шахсони ҳуқуқӣ ва воқеии як давлат ба субъекти иқтисодӣ», «гузоштани сармоя ба фаъолияти субъекти хоҷагидор», «хариди саҳмия ва вомбаргҳо, ки бояд самараи молиявӣ ба бор оварад», «маблағи гузошта барои даромад дар фардо», «маблағгузорӣ ба соҳаҳои хоҷагии халқ бо мақсади ба даст овардани фоида ва самараи иҷтимоӣ» ва ғ. омадааст. Дар санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ «**сармоягузорӣ** – аз ҷониби сармоягузор дар шакли дороиҳои моддӣ ва ғайримоддӣ гузоштани сармоя”, “гузоштани сармоя барои истеҳсоли мол, иҷрои кор ва хизматрасонӣ», «хароҷот барои эҷод, такрористеҳсол ва ба даст овардани воситаҳои асосӣ ва дороиҳои ғайримоддӣ » ва ғ. тасвир карда шудааст. Дар ҳамаи ҳолатҳо мақсади сармоягузорӣ гирифтани фоида ва самараи иҷтимоӣ дониста шудааст, ки ба назари мо ҷои баҳс нест. Вале дар ягон таърифе, ки мавриди таҳқиқот қарор гирифтааст ба назари мо сармоягузориро чун фаъолият маънидод карда нашудааст.

2. Бо усули оморӣ 10 омили асосии ба ҷолибияти сармоягузории соҳаи кишоварзӣ таъсиррасон муайян карда шуд. Аз 100 холи имконпазир фазои сармоягузории соҳаи кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2023-юм 36,8 хол муносиб дониста шуда, он дар соли 2025 то 36,9 хол боло рафта, дар соли 2030 то 35,8 хол коҳиш меёбад. Сабабҳои асосии коҳишёбӣ:

- сатҳи баланди андозбандии соҳаи кишоварзӣ;
- сатҳи пасти таъминот бо захираҳо ва афзоиши доимии нархи захираҳои дар истеҳсолоти соҳа истифодашаванда;

- афзоши доимии уҳдадориҳои қарзии хоҷагиҳои кишоварзӣ;
- сатҳи пасти истеҳсолоти маҳсулотҳои кишоварзӣ ва ғ.

3. Ҳамаи мамлакатҳое, ки зери таҳқиқот қарор гирифта шуд нисбат ба сармоягузории соҳаи кишоварзӣ бетараф нестанд ва аз рӯйи имкониятҳои молиявии худ рушди соҳаро сармоягузорӣ менамоянд. Дар ҳамаи мамлакатҳо нақши соҳаи кишоварзӣ дар таъмини амнияти озуқаворӣ дарк карда шуда, бо ҳар роҳ аз ҷониби давлат рушди соҳа танзим карда мешавад. Сармоягузорӣ дар ҳамаи давлатҳо ба ҳавасманд намудани истеҳсолкунандагони соҳаи кишоварзӣ нигаронида шудааст, зеро дар ҳолати аз соҳа дур шудани истеҳсолкунандагон хавфи мутеъ шудан ба бозори беруна ба миён меояд, ки дар охир ба амнияти сиёсӣ метавонад таҳдид намояд.

4. Дар доираи таҳқиқот 20 хусусияти сармоягузории соҳаи кишоварзӣ ҷудо карда шудаанд, ки ба назар гирифтани ҳар кадоме метавонад омили афзоиши сармоягузории соҳа гашта, иқтисоди соҳаро баланд бардорад. Хусусан, характери мавсимӣ доштани талабот ба сармоягузорӣ, аз мутахассисони соҳа барномарезии махсусро талаб менамояд, зеро дар муҳлати муайян ва миқдори лозимии сармоя омили баланд бардоштани натиҷаҳои молиявии соҳа дониста мешавад. Ҳосилнокии пасти меҳнат, муҳлати тӯлонии боздеҳии сармоя, ҳолатҳои сари вақт ҷуброн накардани он, ҷолибияти сармоягузории соҳаро коҳиш медиҳад ва омили асосии аз соҳа дур шудани сармоягузорон мегардад.

5. Сармоягузорӣ дар ҳамаи давлатҳо ба ҳавасманд намудани истеҳсолкунандагони соҳаи кишоварзӣ нигаронида шудааст, зеро дар ҳолати аз соҳа дур шудани истеҳсолкунандагон хавфи мутеъ шудан ба бозори беруна ба миён меояд, ки дар охир ба амнияти сиёсӣ метавонад таҳдид намояд. Бояд дар назар дошт, ки сармоягузории соҳаи кишоварзӣ мамлакатҳои хориҷа тавассути дастгириҳои бевоситаи давлатии истеҳсолкунандагони соҳа, кумакпулиҳо барои истеҳсоли маҳсулотҳои гуногун ва сармоягузории соҳаҳои иҷтимоӣ, ки ба соҳа таъсири синергетӣ дорад, амалӣ мегардад. Ба ин сармоягузорӣ барои сохтани роҳҳо, пулҳо, мактабу маориф, тандурустӣ ва варзиш дахл дорад, ки барои рушди соҳа комилан таъсир мерасонад.

6.Дар шароити майдамолии шаклҳои хоҷагидорӣ ташкили фонди рушди истеҳсолот ва фонди истеҳлок ғайриимкон аст, зеро 25%-и фоидаи хоҷагӣ, ки бояд ба фонди рушди истеҳсолот сафарбар гардад ночиз аст. Бинобар он ки аксари хоҷагиҳои инфиродии деҳқонӣ соҳиби фондҳои асосӣ нестанд, наметавонанд бо ҳиссаҷудокунӣ фонди истеҳлок ташкил намоянд. Аз ин ҷо ҷустуҷӯйи роҳҳои дигари ташкили истеҳсолот ба миён омадааст, ки тавонад фоидаи бештар ба даст оварда фонди рушди

истеҳсолот ва ҳиссаҷудокунӣ ба фонди истеҳлокро таъмин намояд. Роҳи ҳалли ин муаммо иҷрои Консепсияи кластерикунонии соҳаи кишоварзӣ то соли 2040 ба ҳисоб меравад.

Тавсияҳо оид ба амалишавии натиҷаҳои таҳқиқот

1. Таҳқиқоти асосҳои назариявии ибораҳои «сармоя», «сармоягузорӣ» ва «сармоягузории кишоварзӣ» ба мо имконият дод, нуқтаи назари муаллифии худро доир ба моҳияти иқтисодии ибораҳои мазкур чунин баён намоем. «Сармоя – маҷмуи дороиҳои моддӣ ва зеҳнӣ, ки ҳангоми муносибатҳои иқтисодӣ истифода шуда, такрористеҳсолкунии ҷамъиятиро таъмин намуда, дар баробари тавлиди арзиши изофа, арзиши худро низ меафзояд». «Сармоягузорӣ –фаъолияти мақсадноки сармоягузор ба соҳаҳои хоҷагии халқ дар як давраи муайян бо мақсади гирифтани фоида ва самараи иҷтимоӣ». «Сармоягузории кишоварзӣ, ин сармоягузории ба хавфҳо муваҷҷеҳи аҳаммияти стратегидошта, ки дорои ҷолибияти паст ва ба дастгирии давлатӣ ниёздошта» маънидод намудан мумкин аст.

